*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 3 (4743) | ҶУМЪА, 5 ЯНВАРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

**Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ДАР ҲАР САТР МАЪНӢ ЗИЁД АСТУ МАЗМУНИ БАЛАНД



**Мардуми кишвар зери таассуроти Паёми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори кишвар, ки аз соли 2000-ум ироаи он ба ҳукми анъана даромадааст, қарор доранд. Дар бораи мазмуну моҳияти ин ҳуҷҷати муҳим андешаҳои зиёд баён шуда, ин раванд бардавом аст, вале дар баъзе ҳолатҳо умумигӯӣ меҳвар буда, дар натиҷа шарҳу тавзеҳи он ва вокуниш ба иддаои нотавонбинон то андозае мувофиқи мақсад нест. Дар ин робита иқтибос овардани суханони пурҳикмати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бамаврид медонам, ки фармудаанд: «Давлату давлатдорӣ як мафҳуми назариявӣ набуда, он маҳз бо мавҷудияти рукнҳои амалии давлат маъно пайдо мекунад».**

Қобили зикр аст, ки истиқлоли давлатӣ танҳо бо қабули Эъломияи соҳибихтиёрӣ ва ё дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ ба анҷом намерасад. Барои пойдории истиқлолият ва ташкили давлати мустақил, ки тавонад ба ҷомеаи ҷаҳонӣ халқро ҳамчун иттиҳодияи устувори сиёсӣ бо фарҳангу унсурҳои миллиаш муаррифӣ кунад, ҳаққи таърихӣ ва замонавии ӯро ҷиҳати мавҷудияти сиёсӣ ва ҳуқуқияш эътироф намояд, қабл аз ҳама, халқ орзую омолашро бояд барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун ҳадаф ва дастурамали зиндагиаш дуруст муаррифӣ намояд ва барои расидан ба ин ҳадафҳо пайваста мубориз ва омода бошад. Ҳамчунин, зарур аст, барои шаклгирии истиқлоли давлатӣ корҳои муҳими ташкилӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқию фарҳангиеро ба анҷом расонид, ки онҳо таҳкимбахши иттиҳоди устувори сиёсӣ ва истиқлолияти он бошанд.

Аз ин лиҳоз, метавон хулоса намуд, ки яке аз рукнҳои амалии давлат Паёми Президент ба Маҷлиси Олии мамлакат мебошад. Мутмаинам, ки хулосаи мазкур ҳоҷат ба шарҳу тавзеҳ надорад.

Нуктаи дигаре, ки мехоҳам ба он таваҷҷуҳ бештар ҷалб шавад, ин андешаронӣ дар бобати Паёми Президент ба парламент аст. Зарур ва ногузир аст, ки мақолаю гузориш ва ҳамовозӣ ба ин ҳуҷҷати муҳим бояд сатҳӣ омода нагарданд ва онҳое назарашонро баён намоянд, ки ба умқи масъала сарфаҳм рафтаанду шахсияташон дар ташаккули афкори ҷомеа саҳим аст.

Сонияи, истифодаи ибораҳои «нуқтаи муҳими Паём», «иқтибосҳои беҳтарини Паём», «нуктаҳои меҳварии Паём», «дар ҳошияи (бо назардошти маънои луғавии ин калима) Паём» ва ғайра, ки мутаассифона, зиёд корбурд мешаванд, ба ҳеҷ ваҷҳ қобили қабул нест. Ба андешаи мо, Паёми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз аввал то фарҷом муҳиму муфид аст. Ба ибораи дигар, дар ҳар сатри он маънӣ зиёд асту мазмуни баланд.

Муҳимияти Паём ва мазмуну муҳтавои бениҳоят баланди он дар навбати аввал аз дарки амиқи набзи ҷомеа, самимияти беандоза ба мардум, азми қавӣ, нияти нек, масъалагузории саривақтӣ, таҳлил,ояндабинӣ, роҳнамоӣ, ошкори камбудиҳо, муайян намудани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ маншаъ гирифтааст. Баъдан, ин ҳуҷҷати муҳим барои тамоми мардуми кишвар, сарфи назар аз мансубияташон ба ин ё он қишри ҷомеа, сармашқи кор ва дастури роҳнамост. Ниҳоят, Паём шабеҳи оинаест, ки мо метавонем пешравию дастовардҳои мамлакатро дар он мушоҳида ва онҳоро ба нишондиҳандаҳои пешин муқоиса намоем, зеро танҳо дар заминаи муқоиса мо муътақид мешавем, ки «ин куҷову он куҷо?».

Барои онҳое, ки ба дастовардҳои мо аз паси панҷа менигаранду муносибаташон ба арзишҳои миллию давлатӣ дуюмдараҷа аст, дар Паём чунин таъкид гардид: «Танҳо пас аз барқарорсозии сулҳу субот ва роҳандозии фаъолияти бонизоми соҳаҳои фалаҷгардидаи ҳокимияти давлатӣ мо имконият пайдо кардем, ки ба масъалаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат машғул шавем. Яъне, мо ба рушди иқтисодии мамлакат аз соли 2000-ум – ҳамагӣ 23 сол пеш шурӯъ кардем». Ин суханони Роҳбари мамлакат рамзу ҳикмат дошта, иброз гардиданашон саривақтӣ аст.

Паёми навбатӣ низ аз оғози марҳилаи сифатан нави давлатдорию давлатсозии мо мужда расонд. Пешвои миллат зикр карданд, ки «соли 2023 барои Тоҷикистон, бо вуҷуди мураккабшавии бесобиқаи вазъи ҷаҳони муосир, инчунин, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои ногувори он – хушксоливу камобие, ки солҳои охир дар минтақа идома дорад, ба шарофати заҳмати аҳлонаву содиқонаи мардуми сарбаланди кишвар боз як соли бобарор гардид».

Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар, ки яке аз нишондиҳандаи асосии муайянкунандаи рушд мебошад, нисбат ба соли гузашта 8,3 фоиз зиёд гардида, ба беш аз 130 миллиард сомонӣ расид. Аз он ифтихор кардам, ки дар ду даҳсолаи охир сатҳи зиндагии мардуми кишвар тадриҷан беҳтар гардида, камбизоатӣ аз 83 фоизи соли 1999-ум то 62 банди фоизӣ дар соли 2023 паст гардидааст.

Азми қавӣ ва иродаи хастагинопазири муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар он зоҳир мегардад, ки ба дастовардҳои ноилгардида иктифо накарда, ба Ҳукумати мамлакат супориш доданд барои дар ҳафт соли минбаъда то ба 10 фоиз паст кардани сатҳи камбизоатӣ чораҳои мушаххас андешад.

Бояд аз он ёдовар шавем, ки бо ибтикори Пешвои миллат буҷети давлатӣ моҳияти иҷтимоӣ дорад, ки ин омил на дар ҳама давлатҳо ба мушоҳида мерасад. Ҳамон тавре ки дар Паём зикр шуд: «Бо фароҳам омадани имконият хусусияти иҷтимоии буҷети давлатӣ тақвият дода шуда, хароҷот барои илму маориф, тандурустӣ ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ аз 9,6 миллиард сомонии соли 2017 ба 18,5 миллиард сомонӣ дар соли 2023 расонида шуд, яъне 1,9 баробар зиёд гардид».

(Давомаш дар саҳ. 2)

## НОМАҲОИ ТАСАЛЛИЯТ



**3-юми январи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Императори Япония муҳтарам Нарухито номаи тасаллӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

**«Аълоҳазрат,**

Хабари заминларзаи шадид дар нимҷазираи Нотои префектураи Исикава, ки боиси талафоти ҷонӣ ва хисороти зиёди молӣ гардидааст, муҷиби андуҳи амиқи мо гардид.

Дар робита ба ин мусибати гарон ба Шумо, мардуми дӯсти Япония ва пайвандону наздикони фавтидагон ҳамдардиву тасаллияти самимии ин ҷонибро иброз намуда, ба ҳамаи осебдидагон шифои комил хоҳонам».



**3-юми январи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Сарвазири Япония муҳтарам Фумио Кисида номаи тасаллӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

**«Ҷаноби Олӣ,**

Хабари заминларза дар нимҷазираи Нотои префектураи Исикава, ки талафоти инсонӣ ва хисороти зиёди молӣ бар ҷой гузоштааст, боиси андуҳи амиқи мо гардид.

Дар робита ба ин мусибати гарон ба Шумо, мардуми дӯсти Япония ва пайвандону наздикони фавтидагон таъзияву тасаллияти самимии ин ҷонибро иброз намуда, ба ҳамаи осебдидагон шифои оҷилу комил мехоҳам».



**Чоруми январи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Сайид Иброҳим Раисӣ номаи тасаллӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

**«Ҷаноби Олӣ,**

Дар иртибот ба оқибатҳои фоҷиабори ҳамлаи террористӣ дар Кирмон, ки боиси ба ҳалокат расидан ва ҷароҳат бардоштани шумораи зиёди одамон гардид, ҳамдардӣ ва тасаллияти амиқи ин ҷонибро ба Шумо, мардуми дӯсту бародари Эрон, пайвандону наздикони ҷонбохтагон иброз менамоям.

Аз Худованди мутаол барои фавтидагон раҳмату мағфират ва барои ҳамаи осебдидагон шифои оҷилу комил мехоҳам.

Ҷумҳурии Тоҷикистон чун ҳамеша терроризмро дар ҳама гуна зуҳуроташ шадидан маҳкум намуда, зарурати мубориза беамонро алайҳи он мудом таъкид мекунад».

www.prezident.tj

**Чоруми январи соли 2024 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Раиси Маҷлиси Шурои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон Муҳаммадбоқир Қолибоф номаи тасаллӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**



**«Муҳтарам ҷаноби Раис,**

Дар робита бо ҳамлаи мудҳиши террористӣ ва талафоти зиёди ҷонӣ дар шаҳри Кирмон ба Шумо ва кулли мардуми Эрон ҳамдардии амиқи худро баён менамоям.

Ба наздикону пайвандони ҳалокшудагон сабри ҷамил ва ба осебдидагон шифои оҷил хоҳонам».

www.majmilli.tj

## БА ИМЗО РАСИДАНИ ЯК ҚАТОР ҚОНУНҲО АЗ ҶОНИБИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



**Сеюми январи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба якчанд қонунҳо имзо гузоштанд.**

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг», «Дар бораи ҳифзи пиряххо», дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодексҳои тандурустӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, қонунҳо дар бораи зотпарварӣ ва тухмипарварӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Қонунҳои баимзорасида барои рушди соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, фарҳанг, соҳибкорӣ, кишоварзӣ, бунёди ҷойҳои кории нав, танзими ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, ҳифзи пиряххо, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва пешрафти ҳаёти ҷомеа равона шудаанд.

Қонунҳо дар матбуот нашр мешаванд.

www.prezident.tj

## АҲОЛӢ АФЗУД, МАСЪАЛАИ ОБ ДУЧАНД МЕШАВАД, ВАЛЕ...

**Зиёда аз 60 дарсади захираҳои обии Осиёи Марказӣ дар қаторкӯҳҳои ҷумҳурии мо ташаккул ёфта, қисман ба қаламрави дигар давлатҳои минтақа рафта мерасанд. Аз оби кӯҳистони мо на танҳо мардуми диёр, балки кишоварзону зироаткорон ва чорводорони кишварҳои поёноб ба таври пурра истифода мекунанд ва барои захираи ин неъмати бебаҳо даҳҳо дарғоту обанбору ҳавзҳои сунъии азим сохта, тамоми сол захираи обро бемалол истифода менамоянд.**

Тахмин ду даҳсола қабл тамоми қуллаҳои баланди кӯҳсори ҷониби манотиқи Сарихосор, Шугнов, Ховалинг, Муъминободу Шамсиддин Шоҳин, Ромиту Рашту Нурободу Тоҷикобод дар фасли гармо пур аз барф буд ва яху барф дар ин баландкӯҳҳо тӯли сол ба чашм мерасид. Имрӯз яху барфҳои дар ин баландиҳо ҷамъшуда аз ғояти гармшавии ҳаво (ҳатто дар фасли сармо) оҳиста-оҳиста об шуда, тавассути дараю сойҳо ва ҷӯю наҳрҳои кӯчак ба дарёҳои кишвар ҳамроҳ мешаванд. Дар ёд дорам, пас аз хотимаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ қад-қади шохобҳои ин дарёчаҳо мардуми аксари манотиқи кӯҳистон садҳо осиёбу ҷувоз, неругоҳҳои хурди барқи обӣ бунёд намуда, ҳам неруи барқ тавлид мекарданду ҳам орду равғани зағир истеҳсол менамуданд. Имрӯз бошад, аз нарасидани об баъзе мушкилиҳои ҷиддӣ ба назар мерасад ва қисме аз он ҷӯю наҳрчаҳо об надоранду дар онҳо дигар оби тозаи кӯҳсорон ҷорӣ намешавад, осиёбҳо намечарханд.

Рӯзе тавассути кӯҳдоман ба самти шарқии кишвар, аниқтараш аз минтақаи Қаротегин (Рашт), ба боло ҳаракат кардем. Бо мардуми доманакӯҳҳо ҳамсуҳбат шуда, бо чӯпону подабонҳо вохӯрдем. Онҳо ба мо ҷойҳои доимии он чашмаю кӯлҳои хурди атрофро нишон дода гуфтанд, ки замоне мо ва рамаю подаамон аз ин чашмаҳои мусаффо ин неъмати табииро бемалол истеъмол мекардем. Акнун он ҳама тӯли понздаҳ-бист соли охир батамом хушк шуда рафтанд ва дигар бароямон нӯши ҷон кардану истеъмоли оби хуштаъм ғайриимкон аст.

- Мардум қубури бузурги обгузарро сӯрох карда, барои эҳтиёҷот оби нӯшокӣ мегиранд. Гоҳе маҷбур шавем, молу говҳоямонро бо чарогоҳ ба атрофи ана, он кӯлҳо мебарем, - гуфт чӯпони миёнасол Акобир Салимов.

Мо аз чанд кӯле, ки чӯпонҳо бо ишора бароямон нишон доданд ва он кӯлҳо тақрибан дар масофаи 4-5 километр дуртар воқеъ буданд, бевосита дидан кардем. Ин кӯлҳо, ки худи табиат онҳоро «бунёд» намуда буд, обанборҳои ҳақиқиро мемонд. Оби поки кӯлҳо мавҷ мезад.

Чӯпони номдор амаки Сайдаҳмади Нозим ба мо нақл кард, ки шабона ин ҷойҳо макони сайругашти рӯбоҳу шағол ва гургу хирсу хукҳои ёбоианд. Ба мо чунин намуд, ки маҳз ин минтақаҳо бо масоҳати даҳҳо ҳазор гектар замин барои бунёди обанбору дарғотҳои азим хеле қулаю мусоиданд. Агар аз неруи техникаҳои азими ҳозиразамон истифода карда, ҳар мавсим дар ин мавзеъҳо ҳадди ақал ду-се обанборӣ бунёд кунем, он гоҳ тавре мардум мегӯянд, «нуран ало нур мешавад» ва дастуру супоришҳои Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон комилан амалӣ мегарданд. Аз дигар нигоҳ, агар мо ин сойҳоро ба кӯлҳо табдил диҳем, беҳтарин иқдом хоҳад шуд. Аз эҳтимол дур нест, ки оҳиста-оҳиста атрофи ин кӯлҳои бузург мардум хонаю дар месозанд ва ин минтақаҳо баъди даҳсолаҳо чун дигар қисматҳои кӯҳии ҷумҳурӣ ободу хурраму зебо мегарданд.

Яъне, мақсад аз он иборат аст, ки мо нагузорем қисмати зиёди обҳои аз барфу пиряххои баландкӯҳ ҷоришуда беҳуда талаф ёбад. Аз ҳама муҳим, фасли гармо аз захираи ин обанборҳо як миқдорашро тавассути ҷӯйҳои азим ба поён сар диҳем, ҳам таҷҳизоту агрегатҳои гуногуни хусусии мардуми поёноб фаъол мешаваду ҳам мардуми даҳҳо деҳкада аз онҳо ба таври хеле васеъ истифода менамоянд. Наход имрӯз мо обе наёбем, ки ҳатто чорвои хонагии худро таъмин карда тавонем?

Ин пайомад на танҳо дар водии Қаротегин, балки дар дигар минтақаҳои кӯҳӣ низ бармало ба чашм мерасад. Ҳамроҳон тавассути шоҳроҳи Балҷувон баъдан, моро ба ҷониби қаторкӯҳ, талу таппаю сойҳои навоҳии Темурмалик, Восеъ, Ховалинг, Муъминобод то ба баландиҳои мавзеи зебоманзари «Чилдухтарон» роҳбаладӣ намуданд. Дар ин манотиқ бо мардуми касбу кори гуногун вохӯрда, бо онҳо суҳбат намудем. Аксаран мардум бо таассуфу нигаронии махсус иброз медоштанд, ки тӯли даҳсолаҳои охир бинобар сабаби камобӣ дар саргаҳ ва қад-қади наҳрҳое, ки дарёҳои Сурхобу Ёхсӯ ҷорӣ мешаванд, даҳҳо осиёбу ҷувоз аз кор монданд ва захираи об сол то сол кам мешавад. Ин ҷо ҳама гап дар саргаҳи ташаккулёбии об аст. Бояд тамоми имконоту захираҳоро истифода бурда, бо роҳи ҳашар ё кумаки масъулин, тавассути техникаи пуриқтидори муосир дар чунин мавзеъҳо обанборҳои азим бунёд карда, обро ба таври сунъӣ нигоҳ дошта, ба талафшавӣ роҳ надиҳем, зеро тавре мушоҳида менамоем, сол то сол иқлим дар кураи Замин тағйир ёфта, бахусус, чанд даҳсолаи охир таъсири гармои шадид хеле афзоиш ёфтааст. Яъне, тағйирёбии бузурги иқлим, гармшавии сайёра имрӯз касеро ҳам бетараф гузошта наметавонад ва ин мушкилоти изтиробомези экологист, ки қабл аз ҳама, муттасил ба обшавии пиряххои аз қадимулайём ва ё миллиардҳо сол қабл қоиму побарҷобуда оварда мерасонад.

(Давомаш дар саҳ. 2)

# ДАР ҲАР САТР МАЪНӢ ЗИЁД АСТУ МАЗМУНИ БАЛАНД

(Идома аз саҳ. 1)

Зимни баргузории чорабиниҳои марбут ба Паём нотиқон дар баробари дигар масоил, ба маълумоти мардум бояд расонанд, ки «дар ҳафт соли охир аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ тавассути пардохти нафақа, кумакпулӣ ва ҷубронпулиҳо, нигоҳдории муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва уҳдадориҳои дигар зиёда аз 21,9 миллиард сомонӣ, аз ҷумла танҳо дар соли 2023-юм 4 миллиард сомонӣ равона карда шуд».

Омили дигари рӯҳбаландкунанда, ки мардум зимни ироаи Паём огоҳ шуданд, суботкорона ва муваффақона идома доштани талошҳои пайгирона ҷиҳати дастёбӣ ба яке аз ҳадафҳои стратегӣ - расидан ба истиқлолияти энергетикӣ мебошад. Пешвои миллат бо итминони комил гуфтанд, ки «Ҳукумати мамлакат, бо дарназардошти фаровонии захираҳои гидроэнергетикӣ, иқтидори бузурги истеҳсоли «энергияи сабз» ва содироти он, дар ҷодаи ноил гардидан ба ҳадафи стратегии худ – расидан ба истиқлоли энергетикӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст».

Комёб будананамон дар ин самт бо он асоснок гардид, ки соли 2023 иқтидори энергетикии Тоҷикистон зиёда аз 6 ҳазор мегаватт ва истеҳсоли неруи барқ 22 миллиард киловатт – соатро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017-ум 4,8 миллиард киловатт – соат ё 28 фоиз зиёд мебошад. Илова бар ин, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мужда расониданд, ки «мо тасмим гирифтаем, ки соли 2025 агрегати сеюми Неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро ба истифода диҳем».

Ба таъбири Пешвои миллат, «Бо амалисозии тадбирҳои зикршуда соли 2032 истеҳсоли барқ дар кишвар пурра аз ҳисоби манбаъҳои барқароршаванда, яъне 100 фоиз бо «энергияи сабз» таъмин гардида (ҳоло 98 фоиз), дар ин замина аз рӯйи меъёрҳои байналмилалӣ то соли 2037 партови газҳои гулхонаӣ то ҳадди ниҳоӣ коҳиш дода мешавад. Яъне, Тоҷикистон ҳамчун давлати пешсафи ҷаҳон дар самти инкишофи «иқтисоди сабз» соли 2037 воқеан ба «кишвари сабз» табдил меёбад».

Пайғоми неки дигар, ки зимни ироаи Паём садо дод, он аст, ки «тибқи «Стратегияи миллии рушди кишвар барои давраи то соли 2030» ҳаҷми сармояи мустақим то соли 2026 нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ то 10 фоиз расонида шуда, солҳои 2022–2026, яъне дар панҷ сол бояд ба иқтисоди миллӣ беш аз 60 миллиард сомонӣ сармояи мустақим ҷалб карда шавад».

Рушди густурдаи соҳибкории хурду миёна қодир аст сатҳи бекориро хеле ҷиддӣ коҳиш бидиҳад. Дар аксари мамлакатҳои пешрафта корхонаҳои хурду миёна беш аз нисфи маҳсулоти кишварҳояшонро истеҳсол мекунанд. Тавре шоҳидем, дар кишвар як қатор қонунҳои марбут ба фаъолияти соҳибкорӣ таҷдиди назар шуданд, то соҳибкорони ватанӣ ва сармоягузорони хориҷӣ барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ тамоми шароиту имкониятро дошта бошанд. Президенти мамлакат аз он қаноатманданд, ки соли 2023 соҳибкорони мамлакат 715 корхонаи нави истеҳсолӣ бо 5 ҳазор ҷойи корӣ сохта ба истифода супориданд. Илова бар ин, соли гузашта аз ҷониби соҳибкорони ватандӯст дар соҳаи маориф 117 иншоот барои беш аз 43 ҳазор хонанда бунёд гардида, дар соҳаи тандурустӣ сохтмону навсозии 139 иншоот анҷом дода шуд.

Ҷанбаи дигаре, ки зимни шарҳу тавзеҳи Паём бояд аз мадди назар дур намонад, қадршиносии соҳибкорон аз ҷониби Роҳбари раъиятпарвари давлат маҳсуб мешавад. Манзури ман суханони пурмеҳру раҳнамунсози Роҳбари мамлакат мебошад, ки дар ҳаққи соҳибкорон зимни суханрониҳояшон баён гардидааст: «Бо истифода аз фурсат, ба ҳамаи соҳибкорону сармоягузорони бонангу номуси кишвар барои ташаббусҳои созандаашон ба хотири ободиву пешрафти Ватани маҳбубамон миннатдории самимӣ изҳор менамоям».

Қисмати ба модарону занон рабтдоштаи Паём бениҳоят таъсирбахш буда, шоҳид гардидам, ки вақте Пешвои миллат дар бобати Модар бо самимияту эҳтироми хоса сухан гуфтанд, аҳли толор ашк рехтанд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки «мову шумо на фақат дар як Рӯзи Модар, яъне 8-уми март, балки бояд ҳамеша ва доимо нисбат ба модарону хоҳарону духтарони худ ғамхору меҳрубон бошем».

Лозим ба ёдоварист, ки Роҳбари мамлакат мунтазам ба занону модарон арҷ гузошта, дар яке аз суханрониҳояшон чунин гуфта буданд: «Занону модарони бонангу номуси мо ҳанӯз дар даврони ниҳоят мушкили оғози истиқлолият обрӯ ва шарафи мамлакатро ҳифз намуданд, ба хотири ҳифзи ҳуқуқи худ мисли гурдофаридҳо ба қиём бармаданд, дар таҳкими давлат, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ саҳми бисёр арзишманд гузоштанд».

Табиист, ки дар доираи як мақола фарогирию таҳлили ин ҳуҷҷати муҳим аз имкон берун аст. Боварии комил дорам, ки масъулин барои дар сатҳи хубу сифати баланд роҳандозӣ кардани чорабиниҳои марбут ба он бетаъхир тадбирандешӣ хоҳанд кард. Дар он сурат дастовардҳоямон афзун ва сатҳи зиндагиамон боз ҳам беҳбуд хоҳад ёфт.

**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

# АҲОЛӢ АФЗУД, МАСЪАЛАИ ОБ ДУЧАНД МЕШАВАД, ВАЛЕ...

(Идома аз саҳ. 1)

Тағйирёбии иқлими сайёра ин мушкилоти асосии аср аст. Бинобар тағйирёбии бесобиқаи иқлим, махсусан дар минтақаи хушку беоби кураи Замин, масъалаи бо оби нӯшокӣ таъмин намудани мардум, ки ба захираҳои об вобастаанд, хеле мушкил мегардад ва ҳамзамон, болоравии ҳарорат, гармшавии сайёраи Замин, пеш аз ҳама, барои ҳаёти худи инсон, олами набототу ҳайвонот ва пиряххои кишвар зарари ҷиёснашавандае ба бор хоҳад овард. Алъон, бевосита аз худ суол мекунем, ки оё дар ҳама ҳолат баҳри тозаю пок нигоҳ доштани об эҳтиёткор ҳастем? Оё аҳамияти бузурги обро чун манбаи асосии ҳаёт ва рӯшноӣ хуб дарку эҳсос менамоем ва оё ин неъмати беназирро ҳамеша аз ҳар гуна ифлосиҳо ҳифзу нигоҳдорӣ мекунем? Охир, поку бегазанд, нигоҳ доштан, сарфаҷӯёнаю оқилона истифода бурдани об масъулияту муносибати некбинонаи инсониятро тақозо дорад.

Ин буд, ки зимни яке аз суханрониҳояшон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: «…яке аз мушкилоте, ки имрӯз бисёр кишварҳои ҷаҳонро ба ташвиш овардааст, таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ мебошад. Хушбахтона, захираи об дар кишвари мо хеле зиёд буда, бояд ба қадри ин неъмати бебаҳо расем. Гузашта аз ин, мо метавонем, содироти оби зулоли худро ба кишварҳои хориҷӣ низ ба роҳ монем ва аз ин ҳам даромади хеле калон ба даст орем». Чаро дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлатро сармашқи кори худ қарор надиҳем? Мутаассифона, кор ба он ҷо расидааст, ки мутахассисон ба мо умед мебанданду мо ба мутахассисон.

Баъзе аз олимони соҳа далелу аснод пеш меоранд, ки «имрӯз беш аз 663 миллион нафар дар назди маҳали зисти худ аз манбаи оби ошомиданӣ комилан маҳрум буда, 2,2 миллиард аҳолии кураи Замин ба оби тозаи пок куллан дастрасӣ надоранд…». Ҳамзамон, коршиносон расман иттилоъ медиҳанд, ки дар қарни навин истифодаи об якчанд баробар афзуда, суръати афзоиши аҳолӣ беш аз ду маротиба зиёд шуда, дар давлатҳои пешрафта то 30 дарсади захираҳои оби тоза аз сабаби ихроҷ шудан талаф ёфта, дар баъзе шаҳрҳои азим талафот метавонад ба ҳафтод дарсад расад.

Чанд сол қабл дар Ҷумҳурии Мардумии Чин мушоҳида намудам, ки боғдорону зироаткорон дар мавзеъҳои худ обанборҳо сохта, онро аз оби барфу борон пур карда, аз он боғоти себу анор, зардолую шафтолу, ноку гелос, заминҳои кишти растанию полезиашонро шодоб месозанд. Инчунин, тавассути қубурҳои қутрашон бениҳоят азим аз як минтақа ба минтақаи дигар обро интиқол дода, чун канали таърихии Фарғона тавассути ҳашарҳои халқӣ даҳҳо наҳрҳои сунъӣ бунёд сохтаанд ва ҳар сол аз заминҳои обёришуда ду-се ҳосили бобаракат мерӯёнанд. Яке аз ҳамин саркор - боғдори машҳури чинӣ ба мо даҳҳо навъи меваю сабзавоти ҳосили дастранҷи худашро нишон дода гуфт, ки тамоми навъи корхонаю заводи истеҳсоли маҳсулотро низ дорад ва консерваю шарбати меваю мураббо, шароби дастию нӯшокиҳои гуногуни спиртии истеҳсолкардаашон аз биринҷу ангур харидорони зиёде доранд. Ҳамин заминдор дар қаламрави худ хонаҳои баландошёнаи истиқоматӣ бунёд карда, тамоми коргаронашро бо манзилгоҳ таъмин кардааст. Он кас дар масъалаи сабзпӯш ва дарахтзор намудани миллионҳо гектар замини ҷӯлу биёбони бекарони кишвараш низ ташаббусҳо зоҳир намуда, тавассути ҳашар дар заминҳои хушку беоби минтақа тухми растанию ниҳолҳо корида, мақсади тамоми атрофи мамлакатро ба бешаи сабз табдил додан дорад. Мо кори ин заминдори бузургро хеле хуб мушоҳида намудем.

Даҳҳо ҳазор марди чинӣ як дарзайӣ (дарҷан) қамиш ё саксавулро пуштора карда, чун мӯрчаякон тавассути пайроҳа аз теппаҳо ба ҷӯлҳои дар баландиҳо воқеъбуда мебароянд. Ҳар кадоми онҳо дар ҳар қадам хандаққои хурдакак канда аз қамиш атрофи онҳоро наҳзакак пӯшонида (то шамол пош надиҳад), дохили он хандақчаҳо донаҳои ҳар гуна буттаю гиёҳу растаниро мепартоянд, то он бегазанд сабзида, қомат рост кунад ва баъдан онҳоро тавре ки худ мехоҳанд, аз сари нав шинонда, месабзонанд ва нигоҳубин менамоянд. Ин иқдоми нек низ муҳитро тозаю озода карда, ҳаворо муътадил сохта, дар пешгирии гармо ё иқлими тағйирёбандаи сайёра барои инсоният кумак мерасонад.



Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми шодбошиашон ба муносибати қабул гардидани Қатъномаи Маҷмаи умумии СММ доир ба масъалаи коҳиш ёфтани манбаъҳои обҳои ошомиданӣ чунин таъкид намуда буданд: «Ҷомеаи ҷаҳонӣ хуб дарк мекунад, ки коҳиш ва харобшавии минбаъдаи манбаъҳои обҳои ошомиданӣ дар сайёра метавонад аҳли башарро ба фалокатҳои зиёди ҷонӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дучор намояд. Аз ин лиҳоз, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ лозим меояд, ки барои ҳалли ин масоили глобалӣ ҳар чӣ зудтар чораҳои зарурии муштаракро таҳия ва татбиқ намояд». Яъне, тағйирёбии иқлим аз ҷумлаи масъалаҳое мебошад, ки имрӯз ба як муаммои бузург табдил ёфта, ҷумҳурии моро низ дар канор намондааст.

Имрӯз нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ҷумҳурии мо оид ба масоили марбут ба об, иқлим ва обшавии босуръати пиряххо дар арсаи байналмилалӣ назаррас аст. Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон чун кишвари ташаббускори масоили обу иқлим шинохта шудааст. Дар ҷумҳурии мо дарёҳои зиёди шӯху тезҷараёни кӯҳӣ, чашмаю обҳои мусаффо, кӯлҳои дорои обҳои ширину зулоли ошомиданӣ, инчунин пиряххои азиме мавҷуданд. Чаро аз онҳо истифода намебарем, кӣ бояд ин корро таъмин кунад?

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мушкилоти норасоии оби нӯшокиро ба назар гирифта, ба СММ пешниҳод намуданд, ки соли 2003 ҳамчун «Соли байналмилалии оби тоза» пазируфта шавад. Ин буд, ки дар ин росто мушкилоти зиёди вобаста ба об дар сатҳи байналмилалӣ мавҷудбуда ҳалли худро ёфтанд. Ҳамзамон, иқдому ташаббусҳои беназири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба норасоии оби нӯшокӣ дар сайёра, аз ҷумлаи эълон намудани Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои ҳаёт, солҳои 2005 - 2015», соли 2013 - «Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об», Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018 - 2028» аз ҷониби аксари кишварҳои аъзои СММ якдилона пазируфта шуданд.

Дар робита ба тағйирёбии иқлим, харобшавии минбаъдаи манбаъҳои обӣ ва гармшавии зиёди сайёраи Замин - ин мушкилоти мубрами сатҳи ҷаҳонӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо аз минбарҳои байналмилалӣ андешаронӣ намуда, барои истифодаи самараноки об ва пешгирии обшавии пиряххо, кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пешниҳодҳои мушаххасу самаровар ироа карданд. Пас аз омӯзишу баррасии ин пешниҳод аз тарафи СММ соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон карда шуд, ки ин ҳам иқдоми бевоситаи судбахшу нафъовари Президенти мамлакат ва боиси ифтихори мардуми ҷумҳурии мо мебошад.

Бале, барои ҳисса гузоштан дар ҳалли масъалаи об ва иқлим ҷумҳурии мо ва Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаббусҳои самаровари зиёдро дар сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ пешниҳод намудааст, ки дигар ҳоҷат ба муаррифӣ нест. Мақсад аз онҳо, пеш аз ҳама, мусоидат намудан дар пешгирии паёмадҳои манфии тағйирёбии иқлим ва ҷоннок намудани ҳамкориҳо дар ҳалли масъалаҳои экологӣ, махсусан кам шудани захираҳои об дар кураи Замин, мебошад.

**Ш. ҲУСЕЙНЗОДА,**
**«Садои мардум»**

# ШВЕЙТСАРИЯИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ
## ЧӢ ГУНА КИШВАРАМОНРО БА «МАККАИ САЙЁҲОН» ТАБДИЛ ДИҲЕМ?

**Туризм мисли истихроҷу фурӯши нафт ва истеҳсоли автомобил аз сердаромадтарин соҳаҳои иқтисодӣ ба шумор меравад. Мувофиқи маълумоти Созмони ҷаҳонии туристии СММ (UNWTO), соли 2022 теъдоди сайёҳон дар ҷаҳон 963 миллион нафарро ташкил дод. Даромади миёна аз ҳисоби туризм ба ҳар сари аҳолӣ ба 1051 доллар расид. Аз рӯи ташрифи сайёҳон дар ҷойи аввал Фаронса (80 миллион нафар) буда, ҷойҳои дуюм - Испания (71 миллион нафар), сеюм-ИМА (50,8 миллион нафар) ва чорумро Туркия (50,4 миллион нафар) ишғол намуданд. Дар маҷмӯъ, даромади солона аз соҳаи туризм дар ҷаҳон 1 триллиону 12 миллиард долларро ташкил додааст.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қуллаҳои сарбафалаккашида, водиҳои сарсабз, дарёҳои шӯхоби кӯҳистон, чашмаҳои шифобахш, ёдгориҳои таърихию табиӣ ва манзараҳои зебояш барои сайёҳон ҷолиб аст. Дабири кулли Созмони ҷаҳонии туристӣ Толиб Рифоӣ зимни сафар ба Тоҷикистон кишвари моро «Швейтсарияи Осиёи Марказӣ» ва «Биҳишти кашфношуда» номида буд.

Пас аз он ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон туризмро яке аз соҳаҳои афзалиятноки ҷумҳурӣ эълон намуданд, кор дар самти бунёди инфрасохтори туризму ҷалби сайёҳон пурзӯр шуд. Бо ибтикори Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2006 дар сохтори Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахши сайёҳӣ илова гардид. Дар натиҷаи вусъат ёфтани таблиғу бунёдкориҳо дар соҳа соли 2011 ба ҷумҳурӣ 183 ҳазор сайёҳи хориҷӣ омад.

Бо мақсади боз ҳам тавсеа бахшидани соҳаи сайёҳӣ, истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷуда дар ин самт, инкишофи инфрасохтори сайёҳӣ, беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ, густариши раванди танзими давлатӣ ва дастгирии сайёҳии дохиливу хориҷӣ, ҷалби ҳар чӣ бештари сармоя дар ин самт ва омода кардани кадрҳои болаёқат соли 2017 Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Илова бар ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади ривоҷу равнақ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ соли 2018-ро «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», солҳои 2019-2021-ро «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намуданд. Ташаббусҳои мазкури Сарвари давлат боиси рушди инфрасохтори соҳаи туризм ва таъсиси ҳазорон ҷойҳои нави корӣ гардид.

Бояд гуфт, ки то соли 1991 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 8 базаи туристӣ («Варзоб», «Искандаркӯл», «Ромит», «Шаҳристон», «Панҷакент»…), 18 хатсайри нақшавӣ ва 90 нақшаи сайру саёҳат вуҷуд дошт. Ба Тоҷикистон аз 11 кишвари хориҷӣ сайёҳон омада буданд.



Мувофиқи иттилои раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Камолиддин Муъминзод, ҳоло дар ҷумҳурӣ 297 иншооти хизматрасонии сайёҳӣ фаъолият менамоянд, ки аз ин шумора 191 меҳмонхона, 26 ҳостел ва мотел, 53 осоишгоҳ, 6 осоишгоҳи кӯдакона ва лагерҳои солимгардонӣ, 7 маркази муолиҷавӣ ва дармонгоҳҳои солимгардонӣ, 8 хонаи истироҳатӣ, кемпинг, 5 базаи сайёҳӣ ва истироҳатӣ фаъолият намуда, шумораи миёнаи кормандони субъектҳои хизматрасонӣ 4064 нафарро ташкил менамояд.

Пешвои миллат 28 декабри соли 2023 дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ин масъала чунин иброз намуданд: «Дар солҳои 2018 - 2023 барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ чор лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 330 миллион сомонӣ амалӣ гардида, илова бар ин, ба субъектҳои соҳа аз ҷониби низоми бонкии кишвар зиёда аз 300 миллион сомонӣ қарзи имтиёзнок ҷудо карда шудааст. Дар ин давра 1450 иншооти сайёҳӣ бунёд гардида, соли 2023 шумораи сайёҳон ба як миллиону дусад ҳазор нафар расидааст».

Ҳоло дар мамлакат имкониятҳои истифоданашудаи соҳаи сайёҳӣ хеле зиёданд. Бинобар ин, вобаста ба рушди бештари соҳа амалӣ намудани тадбирҳои зерин аз манфиат холӣ нест:

Аз рӯи маълумоти доктори илмҳои география, профессор Холназар Муҳаббатов дар қаламрави Тоҷикистон 900 геокомплекси табиӣ бо 40 намуди ландшафт мавҷуд аст. Барои муаррифии онҳо бо ҷалби мутахассисон муаррифиномаю дастурҳои таблиғӣ таҳия намуда, бо чанд забон (англисӣ, арабӣ, русӣ, олмонӣ, хитоӣ, испанӣ…) нашр бояд кард. Маълумоти ҷамъовардашударо дар сомонаҳои интернетӣ ҷой додан лозим аст.

Хуб мешуд, ки дар марказҳои фарҳангии тоҷикон дар шаҳрҳои гуногуни Федератсияи Россия, Беларус, Қазоқистон, Германия, ИМА намояндагии сохтори туризм ё ширкатҳои туристии кишвар таъсис ёбад. Манзараҳои дидании кишварро дар дискҳо ба забони хориҷӣ сабт намуда, ба мақомоти туристии мамолики хориҷӣ ва меҳмонони кишвар ҳадя бояд кард. Чопи буклетҳои баландсифат бо тавсифи обҳои маъданӣ, чашмаҳои гарм ва лойқаҳои шифобахши кишварро низ бо чанд забон ба роҳ бояд монд. Аз рӯи маълумоти китоби «Лечебные минералы источников Памира» («Минералҳои шифобахши чашмаҳои Помир»)-и Икром Бобохоҷаев ва Ширинбек Давлатмаҳмадов, дар ВМКБ дар заминаи 76 чашмаи шифобахш истироҳатгоҳ бунёд кардан мумкин аст.

Дар назди ҳар як намояндагии дипломатии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар бояд масъули соҳаи туризм бошад. Ин масъулон бояд забони мардуми кишвари фаъолиятмекардаашонро донанд. Масалан, на ҳамаи сокинони мамолики арабӣ, Покистон, Ҳиндустон ва ғайра забони англисиро медонанд.

Барои рушди ҳар соҳа мавҷуд будани кадрҳои баландихтисос муҳим аст. Дар самти омодакунии мутахассисони соҳаи туризм махсусан ба забондонии онҳо таваҷҷуҳ бояд кард. Дар факултетҳои забономӯзии донишкадаю донишгоҳҳо ба ҷойҳои дидании мамлакат саёҳати гурӯҳӣ ташкил намуда, аз донишҷӯён талаб карда шавад, ки хотираҳояшонро аз ин сафар бо забонҳои хориҷӣ (арабӣ, англисӣ, русӣ…) дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҷой диҳанд.

Агар мо ҳар қадар иттилооти мусбату ҷолибро дар бораи кишвари амну осуда ва бостониамон зиёдтар нашр кунем, ҳамон андоза ташрифи сайёҳон ба ҷумҳуриамон бештар мешавад.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

# ДУ ТАРАФИ ЯК ИҚДОМ
## ТАҒЙИРИ ҚОНУН БА ХОНАНДА ЧӢ МЕДИҲАД?

**Вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода зимни нишасти матбуотӣ оид ба натиҷаҳои нимсолаи аввали соли 2023 ба хабарнигорон иттилоъ дод, ки ҳоло вазорат лоиҳаеро омода карда истодааст, ки баъди қабули он ба хонандагони мактабҳои миёна истифодаи телефони мобилӣ, планшет ва ноутбук дар вақти дарс иҷозат дода мешавад.**

Ҳоло лоиҳаи мазкур омодаю ба парламент пешниҳод нашудааст, вале моро мебояд сари паҳлуҳои мусбату манфии ин иқдом бигӯем, зеро ин масъала ҳамеша ду тараф хоҳад дошт.

Тағйири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» иҷозати ба мактаб бурдани телефону планшет ба хонандагон аз он ҷониб мусбат арзёбӣ мегардад, ки бачаҳо имкон меёбанд дар вақти норасоии китобҳои дарсӣ, аз китобҳои электронӣ истифода намоянд. Доир ба мавзуъҳои дарсӣ фарроҳтар аз маводи китобҳояшон маълумот ёфта, истифода баранд ва дониши худро такмил диҳанд. Ҳамчунин, хонандагон бо истифодаи телефону планшет ва ноутбук имкон пайдо мекунанд, ки вазифаҳои гурӯҳиро бо ҳамсинфон зудтар ҳал кунанд.

Дар баробари ин, ба андешаи раиси Кумита оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Насиба Нуруллозода, паҳлуҳои манфии ин иқдом зиёдтаранд.

- Манъ намудани истифодаи телефонҳои мобилӣ дар мактаб ягон ҳуқуқи кӯдакро маҳдуд намекунад. Албатта, баъзеҳо ақида доранд, ки дар ин замон маҳдуд намудани истифодаи телефон ба хонандагон як навъ тангназарӣ аст, вале ба фикри инҷониб, зиёд истифода бурдани телефону гаҷетҳо ба дониши комил гирифтан ва саломатии онҳо зарар дорад. Аз ҷониби дигар, ҳар гуна техника ҳангоми дарс хаёли хонандагонро парешон мекунад. Ҳамчунин, аз интернет танҳо маълумот гирифта мешавад, донишро аз китоб мегиранд.

Мегӯем, ки бачаҳо бо телефонҳои мобилиашон дар вақти дарс китоб мехонанд, вале касе чунин кафолат дода наметавонад. Ҳоло як муаллим 20 то 30 хонандаро бидуни телефон қариб, ки идора карда наметавонад, пас вақте ки ба онҳо телефону ноутбук диҳем, чӣ гуна идора мешаванд? Оё онҳо телефонро барои осонии дарс истифода мекунанд?

Ин саволҳоро бояд масъулин ҷавоб медоданд, вале аз маркази матбуотии Вазорати маориф ва илм ба мо иброз доштанд, ки ҳоло ин лоиҳа пешниҳод нашудааст ва чизе гуфта наметавонем.

Дар ин росто, гуфтан мумкин аст, ҳама имконоти телефонро, ки фикр дорем хонандагон дар вақти дарс истифода мекунанд, бигзор берун аз дарс анҷом диҳанд. Барои мисол, китобҳои дарсиро дар шакли электронӣ дар хона мутолиа кунанд, доир ба дилхоҳ мавзуъ ва вазифаи хонагӣ берун аз дарс маълумот гиранд.

Дар баробари ин, агар хонандагон бо телефони мобилӣ ба мактаб раванд, онҳо қариб, ки истироҳат намекунанд. Дар ин бобат ҳамсуҳбати мо Насиба Нуруллозода чунин андеша дорад:

- Ҷиҳати манфии дигари ин масъала он аст, ки ҳангоми танаффус хонандагон бо телефон машғул шуда, бо ҳамдигар камтар муоширт мекунанд. Ба



ҷойи муоширати ҳақиқӣ ба гуфтугӯҳои маҷозӣ одат мекунанд. Ин одат кардан онҳоро ба ҷое мерасонад, ки дигар малакаи одии муносибату муоширатро фаромӯш мекунанд. Чун танаффус барои истироҳату ором кардани асаб аст, доштану истифодаи телефон, хусусан бо интернет, бачаҳоро аз ин маҳрум мекунад.

Дар сурати қабул ё рад шудани иқдоми пешгирифтаи Вазорати маориф ва илм бояд масъалаи бехатариро дар мадди аввал монем. Бехатарӣ дар интернет, ки ҳоло аксари хонандагон дар он ҷо фаъоланд, набояд сода пиндошта шавад. Як амал, як сухан, як хато, ки дар як сония ба амал меояд, шояд бачаҳоро ба доми бало гузорад.

Ҳоло бачаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ барои ҷамъ кардани «лайк»-у «просмотр»-у «коммент» аксу наворе нашр мекунанд, ки ҳам бар зарари худ ва ҳам бар зарари ҷомеа аст. Ҳамсинфон ба муносибати зодрӯзи якеашон дар сари соҳибҷашн тухм мешикананд ва дар он миён фаъолони шабакаҳои иҷтимоӣ аз «маросими туҳфасупорӣ» навору акс гирифта, дар интернет мегузоранд. Ин амалро борҳо дидем ва ҳеҷ кас кафолат дода наметавонад, ки чунин муносибатро бо муаллимон намекунанд.

Дар баробари он ки мо ба бачаҳоямон озодии ба қавле, мутлақ додаему ҳар гунае, ки мехоҳанд шабакаҳои иҷтимоиро истифода мебаранд, бояд донист, ки ҳар қадами онҳо дар интернет назорат мешавад ва ҷавобгарӣ дорад. Ҳар «пост», «репост», «коммент», «лайк» ва ҳатто ҳар «просмотр»-и онҳо назорат мешавад.

Бадбахтона, ҳоло дар фазои маҷозӣ «зиндагӣ» кардан бисёр душвор аст. Бо эҳтиёт истифода кардану аз чашми бадхоҳон дур мондан яке аз муваффақиятҳои корбарони интернет ба ҳисоб меравад.

Беҳтар мешавад, ки ҳар субҳу шом телефони фарзандонамонро назорат кунем. Барои бехатарии худу онҳо телефонҳои хонаро ба як «аккаунт» дохил кунем. Ҳама дар як «аккаунт» будан маънои онро дорад, ки волидон аз ҳар қадами фарзандон бохабар мешаванд.

Инчунин, барои беташвиш будан ҳар нафар метавонад саҳифаҳои фарзандонашро дар телефонаш сабт кунад ва аз ҳар қадами онҳо бохабар бошад.

- Телефони мобилӣ ба волидайн имкони назорат кардани кӯдаконашонро зиёд менамояд, дар ҳолатҳои ғайричашмдошт кӯдак метавонад ба волидайн занг занад. Шояд беҳтар мешуд, хонандагон телефонҳои худро ҳамроҳ гиранд, вале ҳангоми ба дарс даромадан то ба хона рафтан телефонҳояшонро ба мудирияти мактаб супоранд. Дуруст, ки ин масъулияти роҳбарони синф ва кормандони бехатарии мактабро зиёд мекунад, вале роҳҳои ташкили ин корро ёфтан мумкин аст, - хулоса кард Насиба Нуруллозода.

Ёдовар мешавем, ки дар ҷумҳурии мо аз соли 2007 инҷониб тибқи фармони вазири маориф бо телефони мобилӣ ба мактаб рафтан манъ аст. Аз моҳи марти соли 2009 вакилони Маҷлиси намояндагони кишвар лоиҳаи ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»-ро тасдиқ карданд, ки тибқи он истифодаи телефони мобилӣ дар муассисаҳои таълимӣ қонунан манъ аст.

Ба фикри мо, ҳоло тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз фоида дида зарари бештар дорад. Хонандагони тоҷик 14 сол шуд қонунан ҳуқуқи бурдан ва истифодаи телефони мобилиро дар ҳудуди мактаб надоранд, вале яку якбора ба онҳо чунин иҷозатро додан, шояд онҳоро нисбат ба дарсҳо бетаваҷҷуҳ гардонад.

**Ҳафизуллоҳ ТОҲИРӢ,**
**рӯзноманигор**

# УСТОДИ ФАРҲАНГШИНОС



**Низом Нурҷонов мунаққид, этнограф, санъатшинос ва муҳаққиқи забардасти театр мебошад. Дар асарҳои ӯ масоили гуногуни мардумшиносӣ, театри анъанавии халқӣ ва касбӣ, мусиқии мардумӣ ва рақсҳои суннатӣ таҳқиқ шудаанд. Вақте китобу мақолаҳои устодро мехонем, шоҳид мешавем, ки бахшҳои гуногуни фарҳанги суннатии тоҷикон бо ҷузъиёт инъикос шудаанд. Чунончи, театри суннатӣ, театри касбӣ, кино, сирки анъанавӣ, масхарабозӣ, рақсҳои мардумӣ, рақсҳои пантомимӣ ё тақлидии ҷонварон, суруду мусиқии суннатӣ, созҳои мусиқӣ, ҷашнҳои миллии мавсимӣ, ҷашни арӯсӣ ва русуми он, бозиҳои бачагона ва дигар самтҳои фарҳанги анъанавии тоҷикон аз ҷониби ин донишманди миллатдӯсту фидокор гирдоварӣ, таҳқиқ ва дар шаклҳои гуногун интишор шудаанд.**

Низом Нурҷонов аз шогирдони мардумшиноси маъруф М.С. Андреев ба шумор меравад. Маҳз бо тавсияи ин олими сатҳи ҷаҳонӣ олимони ҷавони тоҷик ба соҳа ва мавзуъҳои муҳими илмӣ ҷалб шуданд, ки Нурҷонов аз зумраи онҳост.

Ҷашнҳои миллӣ дар эҷодиёти Н.Нурҷонов, асосан, дар китобҳои «Театри халқии тоҷик: аз рӯйи маводи вилояти Кӯлоб» («Таджикский народный театр: По материалам Кулябской области», 1956), «Театри суннатии тоҷикон» («Традиционный театр таджиков», 2002) қисман дар «Таджики Каратегина и Дарваза» (коллектив, выпуск 3), «Олами беканори рақси тоҷик» (2004) ва баъзе мақолаҳои ӯ (масалан, «Қадимтарин манбаъҳои театри суннатии тоҷикон» шарҳу тасвир ёфтаанд.

Дар даврони шуравӣ омӯзиш ва тарғиби арзишҳои миллӣ маҳдуд буд ва Ҷашни Наврӯзро баъзе сиёсатмадорон ҳамчун «иди динӣ» ва «хурофотӣ» мешумориданд. Садриддин Айнӣ дар «Ёддоштҳо» (1949) роҷеъ ба Ҷашни Наврӯз, сайрҳои Ширбадан ва Файзобод маълумоти этнографӣ дода, онҳоро ҳамчун иду ҷашнҳои табиат ва кишоварзӣ муаррифӣ намуд.

Баъдан, санъатшиноси тоҷик Н.Нурҷонов соли 1956 дар асараш «Театри халқии тоҷик: аз рӯйи маводи вилояти Кӯлоб» зимни тасвири шаклҳои театри мардумии сокинони вилояти Кӯлоб, ба ҷашну сайрҳои халқӣ ва дигар дилхушиву саргармиҳо таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

Боби якуми китоби мазкур фарогири шуғлу саргармиҳои фарҳангии тоинқилобии мардуми минтақаи Кӯлоб аст. Дар ин боб муаллиф доир ба маросими гулгардонӣ, Ҷашни Наврӯз, сайри Тамошотеппа, ки ба Соли нави суннатӣ бахшида шуда буд, Сайри гул, идҳои Рамазон ва Қурбон, тӯйи арӯсӣ ва ҷойҳои ҷамъомади мардум ва саргармии онҳо маълумоти муфассал додааст.

Соли 2002 қаҳрамони матлаб асари дуҷилдаи «Театри суннатии тоҷикон» («Традиционный театр таджиков»)-ро ба забони русӣ чоп кард. Дар ин асар драмаҳои халқӣ, рақсҳои тақлидӣ, пантомимаҳо дар образҳои ҷонварону махлуқот, масхарабозӣ, сирки халқӣ, мусобиқаҳои варзишии анъанавӣ, иду ҷашнҳо, корвони шодӣ (карнавал) ва дигар ҳунарҳои халқӣ таҷассум ёфтаанд. Дар боби дувуми асари мазкур, ки «Маданияти намоишии халқӣ» ном дорад, ҷашну маъракаҳо бо шаклҳои намоишӣ ва мусобиқаву бозиҳои мардумӣ шарҳ дода шудааст. Маълумоте, ки Н.Нурҷонов роҷеъ ба Наврӯз овардааст, ба рӯзгори тоинқилобии сокинони шаҳри Кӯлоб ва навоҳии атрофи он марбут буда, муаллиф онро солҳои 1940-1950 аз ин минтақа ҷамъ кардааст.

Анъанаи гулгардонӣ бо истилоҳоти гуногун қариб дар байни ҳамаи тоҷикони Осиёи Марказӣ маъмул аст. Дар вилояти Хатлон гули зардак (гули баҳман)-ро чида, гулдаста баста, хона ба хона мегаштанд. Дар водии Ҳисор дар ин айём гули наврӯзӣ мерӯид, ки он ба гули сиёҳгӯш монанд буда, аммо рангаш зард мебошад. Дар Самарқанд ва водиҳои Зарафшон, Фарғона ва Қашқадарё номи он гули бойчечак буд ва маросимро «бойчечак» ё худ «бойчечакгӯӣ» мегуфтанд. Аҳолии баъзе деҳаҳои болооби Зарафшон онро «бойкандак» ҳам меноманд.

Тибқи иттилои Н. Нурҷонов, расми «бойкандак» дар водии Зарафшон хеле маъмул буда, бачаҳо гулҳои баҳориро ба дарвозаи ҳавлиҳои деҳа бурда, таронасароӣ мекарданд. Як нафар матни асосиро мехонд ва дигарон бо овози баланд «бойкандак» мегуфтанд.

Аммо дар вилояти Кӯлоб ҷавонону наврасон бештар бо созҳои мусиқӣ гулгардонӣ мекарданд. Яке аз наврасон доира мезад, дигарӣ дутор менавохт, боқимондаи бачаҳо сурудхонӣ мекарданд. Соҳибхонаҳо гулҳоро бӯй кашида, ба чашм мемолиданд ва ба бачаҳо гандум, нахӯд, орд, наск ё биринҷ медоданд. Бачаҳо маҳсулоти ҷамъшударо ба яке аз хонаҳо бурда, бегоҳ базм мeоростанд.

Дар Ҳисор ҷавонону наврасон аз кӯҳу пуштаҳо гулҳои сияҳгӯш ва гули наврӯзиро (гули баҳман, гули зардак) бо решааш канда, ба хона меоварданд ва онро рӯйи ҳавлӣ шинонда, ба гулҳо оби гарм мерехтанд, то зудтар шукуфанд. Вақте гулҳо мешукуфтанд, маросими гулгардонӣ оғоз меёфт. Ҷавонон гулҳо дар даст хона ба хона мегаштанд. Барои он ки гулҳои сияҳгӯш нағзтар намоянд, онҳоро ба нӯги чӯбҳои дароз бо порчаи матоъҳои рангоранг мебастанд. Кадбону ба иҷрокунандагони гулгардонӣ гандум, нахӯд ё лӯбиё барин ягон навъи ғалладона, ё қанду мавизу ғӯлинг ё баъзан тангаеро туҳфа мекард ва гулҳоро ба абрӯвонаш молида мегуфт: «Илоҳо, ба солу моҳи нав расон ва бедарду ғам кун». Иштирокчиёни гулгардонӣ инъоми соҳибхонаро гирифта, чунин посух медоданд:

**Ба имонталаб имон теяд,**
**Ба муродталаб мурод теяд.**
**Қучқор барин писар теяд,**
**Моҳтоб барин духтар теяд!**

Ба таъбири Нурҷонов: «дар Бартанг маросими гулгардонӣ «Гулхкуфт» (Гулшукуфт) ном дошт, ки онро дар моҳи апрел, дар айёми шукуфтани гулҳо иҷро мекарданд. Ҳар оила ягон навъи хӯрок омода мекард ва онро ба мазор мебурд. Дар он ҷо ҳамдеҳагон гирд омада, рақсу бозӣ ва хурсандиҳо мекарданд».

Гулгардонӣ намоиши театрӣ мебошад, ки дар ҳавои кушод, бо табиат ва ҷамъият баргузор мешуд. Моҳиятан он пайванди инсону табиатро таҷассум менамуд. Расми гулгардонӣ дар баҳор, возеҳан бо мақсади он иҷро мешуд, ки зимистон зудтар биравад ва баҳори гарму хурсандиҳо фаро расад, хулоса кардааст ӯ.

Солҳои пеш, баҳорон тоҷикон Наврӯзро берун аз шаҳру деҳа, дар муҳити табиат, дар боғу чаманҳо, лаби чашмаву рӯдхонаҳо ҷашн мегирифтанд. Дар ҳар ноҳияву минтақа сайргоҳҳои махсус бо номҳои «сайлҷо», «идҷо», «идгоҳ» мавҷуд буданд, ки мардум сайрҳоро дар он ҷойҳо мегузаронданд.

Суннати дигаре, ки Н.Нурҷонов ба он таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, «Сайри лола» ё ҷашни «Гули сурх» мебошад, ки он дар гузашта (то нимаҳои асри XX) моҳҳои апрел-май дар манотиқи гуногуни тоҷикнишини Осиёи Марказӣ барпо мешудааст.

Мардумшиносон баргузории ин ҷашнро дар Исфара, Конибодом, Фарғона, Хуҷанд, Истаравшан, Балх, Самарқанду Бухоро, Тошканд, Қашқадарёву Бойсун ва дигар ҷойҳо иттилоъ додаанд.

Баргузории ин ҷашн бо зиёрати мазорҳои бузургворон алоқаманд аст. Дар асоси ин пажӯҳиши номбурда ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар замонҳои қадим ҷашнҳои «Гули сурх», «Сайри лола» ва монанди инҳо ба ёди Эзади табиати мирандаву эҳёшаванда барпо мешудаанд. Онҳо дар оғоз мазмунҳои асотирию динӣ доштаанд, аммо тадриҷан бо таъсири ташаккули тафаккури оммаи мардум ва чорчӯбагузории идеологияи давр табдили мафҳум кардаанд.

Дар маҷмӯъ, саҳми устод Нурҷонов дар рушди навъҳои гуногуни фарҳангу санъати тоҷик калон аст. Ӯ ба маънои том устоди фарҳангшинос буд.

**Дилшод РАҲИМӢ,**
**номзади илмҳои филология**

# ХУРОФОТ ИНСОНИЯТРО АЗ ИНСОН МЕГИРАД

**Вақте қолаби фикрии бештари ҷомеаро боварҳо ташкил медиҳанд, он гоҳ андеша бебунёд мешавад ва гирифтор ба догма мегардад. Дар ин ҳолат андеша побанди гӯристони боварҳо мешавад. Фаҳми инсонҳо дар чордевори эътиқодашон маҳдуд мегардад.**

Табиист, ки дар чунин навъи ҷомеа ҳар нафаре аз навандешӣ сухан мегӯяд, ӯ воқеан ба бархӯрди шадиди аҳли ҷомеа гирифтор мешавад. Вақте ин ба як низоми фарогир табдил меёбад, насл ба насли ин ҷомеа ҳамшабеҳи як дидгоҳи вомонда мешаванд. Махсусан, кӯдакон, ки ҷаҳонбиниашон шакл нагирифтааст, тахти таъсири боварҳо монда, гумон мекунанд ҳама асолату воқеияти ҷаҳон дар он қиссаю ривоят ва афсонаҳое аст, ки аз тарафи доиёни динӣ таблиғ карда мешаванд. Дар ин ҳолат андеша ва неруҳои инсонӣ хуфтаву пӯшида боқӣ мемонанд.

Вақте фард ба вомондагии фикрӣ мерасад, дигар ӯ ҳеҷ гоҳ кӯшиш ба харҷ намедиҳад, то аз ҳақиқатҳои падидаю ашё дарки воқеӣ дошта бошад. Ӯ маҷмӯи бовару хаёлоти худро асли ҷаҳон пиндошта, талош наменварзад аз неруи инсонии хеш истифода намояд. Афкори вомондаи таассубӣ инсонҳоро танбал месозад. Онҳо дар олами тахайюлии хеш гӯё ба роҳат мерасанд. Ҳамин аст, ки ҳеҷ гоҳ кӯшиш намекунанд ҳамон навъи ҷаҳонбинии хешро канор гузоранд. Онҳо ҳамеша аз афроде, ки пурсишгаранд, ҷустуҷӯ менамоянд ва назари воқеӣ ба худу ҷаҳон доранд, дар ташвиш меафтанд. Рӯҳониёни дин ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то авомро дар чорчӯбаи маърифати бовармандӣ нигоҳ доранд.

Ҷиҳати анҷоми ин кор аз тамоми воситаҳо истифода мекунанд, аз ҷумла тавассути хитобаву гӯишҳо, ки таърихан яке аз роҳҳои таъсиррасонӣ ҳамин амал будааст ва зимни ҷамъ овардани мардум дар фазои ибодатгоҳҳо аз ин усул кор мегирифтанд. Дар даврони муосир бошад, тавассути тамоми воситаҳои коммуникатсионии муосир, аз ҷумла маҷаллаю рӯзномаҳо, расонаҳо, радио, телевизион, шабакаҳои иҷтимоӣ, интернет ва ютубканалҳо ниҳоят зиёд истифода менамоянд.

Агарчи ин даста бо илм мухолифати сахт доранд, вале барои нигоҳдошти таъсиргузории худ аз ҳамаи воситаҳо, ки аксари онҳо маҳсули кашфиётҳои илмиянд, истифода менамоянд. Ин ҷо бояд хонандаи ҳушманду огоҳ ин нозукатро дарк намояд, ки ҳар миллат ва ҳар кишвари пешрафта бо такя ба илму хирадгароӣ ба чунин сатҳи баланди дастовардҳои муҳим ноил гардидааст ва инсонҳо танҳо аз ин роҳ метавонанд кишвари хешро пеш баранд, ҷойгоҳи хешро дар сатҳи минтақаю ҷаҳон боз ҳам тақвият диҳанд, неруҳои инсонии худро бишносанд.

Шарофати инсонӣ ҳам дар шинохти неруҳои созандаи худи инсон аст. Бояд ҳар як фардро тавре тарбия намуд, ки он аз неруҳои хуфтаи хеш огоҳ шавад ва онҳоро барои бароварда кардани ниёзҳои хеш ва боз ҳам саҳлу сода кардани мушкилоти зиндагонӣ истифода намояд. Ҳоло дар ҷаҳон китобҳое ба нашр мерасанд, ки дар онҳо фақат дастовардҳои илмӣ ва ҷаҳонбинии илмиву дунявӣ таблиғ карда мешаванд. Ин навиштаҳо то имрӯз бисёр корсоз будаанд ва тавонистаанд мардуми зиёдеро аз таассубу хурофот берун оваранд.

Имрӯз замони он аст, ки инсонҳо дар бовару эътиқоди худ фардӣ кор гиранд ва кӯшиш ба харҷ диҳанд, то мушкили сиёсию иҷтимоии хешро аз роҳи дастовардҳои илмӣ бароварда созанд. Зеро вақте дине сиёсӣ мешавад, он дигар тамоми асолату бунёд ва қудсияти худро аз даст медиҳад. Ба дастгоҳи дурӯғгӯию шуъбадабозии сиёсатмадорон табдил меёбад. Он дар байни афроде, ки боварҳои гуногун доранд, тухми нифоқ кошта, ихтилофро ба миён меорад ва арзишу бовари онҳоро ночиз арзёбӣ мекунад. Вақте дин сиёсӣ шуд, дар он адолату ростӣ ба бозичаи дасти гурӯҳҳои сиёсӣ табдил меёбад.




Инсони озода ва соҳибандеша бояд ҷаҳонро ба назари хирад дарк намояд ва бидонад, ки тамоми тамаддуни башарро инсонҳои огоҳ ва оқилу хирадманд сохтаанд, на инсонҳои ҷоҳилу хурофотӣ. Аз ин рӯ, бояд аҳли ҷомеаро дар рӯҳияи донишпажӯҳӣ, илмгароӣ, соҳибандешагӣ, дар ҷустуҷӯи пайваста будан ва дарки моҳияти инсонӣ тарбия намуд.

Худошиносӣ бештар бояд хислати фардӣ дошта бошад, то хусусияти умумиву дастаҷамъӣ. Дар аксари ҷаҳонбиниҳои тавҳидӣ инсонро чунон вобастаю сарнавиштӣ талаққӣ мекунанд, ки аз он тамоми кароматиинсониашро салб мекунанд ва мегиранд. Дар бештари гӯишҳое, ки аз тарафи рӯҳониёни дин ироа мешаванд, инсонро ночиз, вобаста, гирифтори сарнавишт ва бадбахт нишон медиҳанд. Дар ин навъи шинохт инсон як мавҷуди вобастаест, ки берун аз чорчӯбаи афкори бовармaнд шинохтанаш ғайриимкон аст.

Чунин навъи баррасӣ бо улуми имрӯзаи инсоншиносӣ комилан дар мухолифат қарор мегирад. Ҳарчанд иддаои гурӯҳҳои бовармaнд ин аст, ки тамоми улуме, ки инсонро баррасӣ мекунанд, комилан бедалел ва ғайриақлонианд. Бештари чунин баррасиҳои инсоншиносӣ аз ваҳм, хаёл ва бофтаҳои зеҳнӣ иборатанд, ки ҳеҷ ба воқеияти инсону чигунагии он иртибот надорад.

Ҳарфе, ки решаи ҳақиқат надорад ва ба мантиқ созгор нест, онро ба ҳар навъе, ки тоб надиҳӣ, ҳамон қадар фиребу найрангаш ва бепоя буданаш ошкортар мегардад. Каломе, ки ҳамеша эътибори маънoии худро аз тасвирҳои гуногун ба вуҷуд меорад, ба ҷуз аз эҳтимоле беш нест. Сухани шаффофу рост, ки решаи воқеият дорад, ба оинае монанд аст, ки фард метавонад худро дар он бидуни ҳар гуна ғаше бубинад. Ҳар матлабе, ки он пояи ақлонӣ надорад, ба мисли обест, ки гилолуд буда, дар он шаффофият вуҷуд надорад ва наметавон аз он қаъри дарёро дид.

Кашфи ҳақиқат ба ваҳму хаёл эҳтиёҷ надорад, он бархоста аз фаҳму шуур аст. Ҳар қадар фаҳму шуур тавсия ёбад, хирад ба ҳайси мизони тамйизкунандаи ҳаққу ботил ҳар ҳукмро дар чорчӯбаи дастгоҳи мантиқӣ бармекашад ва хулосаи зарурии худро, ки инъикоси воқеият аст, дар бобати падида пешниҳод мекунад. Инсонҳое ҳастанд, ки ҳар гуна ҳарфу ҳиҷои иброзшударо бидуни таҳқиқ қабул мекунанд ва ҳар гуна эҳтимолотро ҳамчун ҳақиқат мепазиранд. Ин ҳастии бекарон чуноне нест, ки бар асоси салиқаҳои ноқиси фикрии аз зеҳни башар беруномада идораву фаҳм шавад.

Аксари тасаввуроте, ки инсонҳо дар бораи дунёи дигар доранд, аз эҳтимолоти тасаввури онҳо маншаъ мегирад. Ҳамин аст, ки дар ҳар низоми бовармaнд шарҳу тафсири дунёи дигар ва он чӣ ки марбут бар он аст, бо тафсирҳои гуногун ироа мешаванд. Аксарият чунин эҳтимолот ва афкори бархоста аз ваҳму хаёлу тасаввурро ҳамчун воқеияти айнӣ қабул мекунанд ва онро бештар аз рӯи тақлид, баъдан ба навъе аз одати ҳамешагӣ табдил медиҳанд. Вақте як амал ба масобаи одат ба инсонҳо табдил меёбад, онҳо дигар ин амалро на бошуурона, балки таҳтушшуурӣ анҷом медиҳанд. Мутаассифона, аксари афкору аҳкоми бовармaнд бо ҳарфу ҳиҷоҳои тарсовар баён мегарданд, ки авом онро бидуни ҳар гуна таҳқиқ, аз рӯи ваҳшат қабул менамоянд. Аҷиб ин аст, ки онҳо ҳангоми баррасии ҳамин афкор мадраку далелҳоро аз сарчашмаҳое меоваранд, ки ҳеҷ гоҳ худи ин сарчашмаҳо ба далелҳои илмӣ исботшаванда нестанд. Инсони ба дарки воқеиятрасида, ки фаҳму шуури хешро такмил додааст, ҳар гуна ҳодиса, падида ё воқеаро аз назари илмию мантиқӣ бо суолгузориҳои сабабу натиҷагирӣ матраҳ менамояд. Онро дар оинаи хиради худ ошкор месозад. Ҳамин аст, ки онҳо амалкардҳои хешро дар чорчӯбаи хираду мантиқ муқаррар мекунанд ва аз маҷмӯи таваҳуммоте, ки инсонро нигарон мекунанд, озоданд. Яъне, ба қавли мардум, на парвое ба рафтани биҳишт доранд ва на тарсе аз дӯзах, зеро амалкардҳои онҳо аз рӯи хирад маншаъ мегирад ва дар чорчӯбаи мантиқи солим ғунҷоиш дорад.

Аҷиб ин аст, ки баъзан дар баёни рӯҳониёни дин афкори инсонситезона, ки нобудии инсонҳоро талқин мекунад, гоҳо ҳамчун ҳукме барои рафтан ба биҳишт арзёбӣ мешавад. Яке аз решаҳои ҳамин гуна таваҳҳум ва баррасиҳои инсонситезона аст, ки гурӯҳҳои даҳшатафкану террористӣ онро ба худ шиор қарор дода, ҷони ҳазорон нафарро ба хотири рафтан ба биҳишт мавриди қурбонӣ ва ҳамлаҳои террористӣ қарор медиҳанд. Чунин афкор ва чунин навъи баррасӣ кароматии баланди инсониро, ки аз хираду огоҳӣ маншаъ мегирад, қурбонии таваҳҳумот намудаанд. Чунин инсонҳо ҳеҷ гоҳ манзалати инсонии хешро фаҳм нахоҳанд кард.

Махсусан, вақте аз боварҳо сиёсат месозанд, он ба қиморхонае монанд мешавад, ки ҳеҷ барандае дар он вуҷуд надорад. Он бештар аз инсонҳо вуҷуду моҳияти инсониашонро салб намуда, аз онҳо як мавҷуди вобастаи дастнигар месозад. Аз инсон одаме месозад, ки фаҳми худро аз даст додааст ва ба ҷои он ки бештар ба ақлу фаҳм такя кунад, бештар ба ҳамоқат ва таваҳҳум такя мезанад. Яъне, инсонро аз худии ӯ ва хираду фаҳму шуур холӣ менамояд.

**Исомуддин ШАРИФЗОДА,**
**номзади илмҳои фалсафа**

Насиҳат гӯш кун, ҷоно...

# АЗ УҲДАДОРИИ ПАДАРУ МОДАР ТО РИСОЛАТИ ФАРЗАНД

**Дар боби 2-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ташаккули рушди маънавию ахлоқӣ аз нуктаҳои асосӣ маҳсуб меёбад. Чунончи, дар сатри аввали моддаи 3-и боби мазкур омадааст: «Мақсади асосии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон аз инҳо иборат аст: ташаккул додани айнияти шаҳрвандӣ, сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувияти миллӣ, тафаккур ва ҳисси ватандӯстӣ дар ниҳоди шаҳрвандон...». Воқеан, шахсе, ки сифати баланди ахлоқиро доро аст, ҳувияти миллӣ ва номуси ватандорӣ дорад ва ҳеҷ гоҳ ба Ватан хиёнат намекунад, ҳамеша ба донишандӯзӣ, такмили ақли худ ва корҳои хайру савоб машғул мебошад. Бинобар ин, тавре дар қонуни зикршуда ишора шудааст, дар сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон тарбияи ахлоқӣ мавқеи асосиро ишғол мекунад.**




Бузургони илму адаб дар осорашон инсонро ба накукорӣ, касби хулқу атвори нек, рӯзгори солим, ҷавонмардӣ даъват кардаанд. Воқеан, инсонро ахлоқи наку ҳусн мебахшад ва соҳиби иззату обрӯ мегардонад. Шахси боодобу бомаърифат ҳеҷ гоҳ бадиро ба дигарон раво намебинад. Аз ин хотир, имрӯз низ дар ҷомеаи мо баҳри рушди маънавии шаҳрвандон, бахусус наврасону ҷавонон, кӯшишҳо ба харҷ дода мешавад. Вазъияти ҷаҳони имрӯза, яъне рақобатҳои шадиди геосиёсию иқтисодӣ, мухолифатҳои мазҳабӣ ва кӯшишҳои кишварҳои абарқудрат барои таҳти назорат гирифтани минтақаҳои алоҳида аз ҳар як нафар тақозо менамояд, ки барои мустаҳкаму поянда нигоҳ доштани нишонаҳои асосии давлатдории миллӣ, яъне истиқлолу озодӣ, ваҳдату ягонагии миллат, якпорчагии давлат ва арзишҳои таърихию фарҳангии халқи худ саъю талош варзад. Тавре Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: «Мо, хусусан, бояд ба масъалаи таълиму тарбияи фарзандон эътибори ҷиддӣ диҳем ва онҳоро тавре ба камол расонем, ки боиси ифтихори падару модарони хеш гарданд, эҳтироми калонсолонро ба ҷо оранд, соҳибихтисос шаванд ва ба Ватани аҷдодии хеш содиқона хизмат намоянд. Агар мо имрӯз, яъне дар марҳилаи коҳиш ёфтани арзишҳои ахлоқӣ ба масъалаи таълиму тарбия таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир накунем, фардо дер мешавад ва чунин муносибат нисбат ба сарнавишти насли наврас дар оянда боиси мушкилоти ҳам оила ва ҳам ҷомеа мегардад. Бинобар ин, падару модарони арҷманд, омӯзгорон, аҳли зиё ва умуман, бузургсолонро зарур аст, ки фарзандонро дар рӯҳияи шукргузорӣ аз давлатдории миллӣ, фазои орому осудаи кишвар ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ тарбия намоянд.». (Аз суханронӣ дар маросими ифтитоҳи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №30-и шаҳри Ваҳдат, 2 августи соли 2019).

Аслан мардуми тоҷик аз қадим дорои маънавиёти баланд буд ва бинобар ин нобиғаҳои зиёд дошту аз онҳо чун сарчашмаи оби софу ҷонбахш ҷаҳониён баҳраманд гаштаанд. Вусъат ёфтани сиёсати ҷаҳонхоҳӣ ва кашмакашҳои зиёд ба маънавиёту фарҳанги халқҳои гуногун, аз ҷумла тоҷикон, бетаъсир намонд. Сабаби костагии ахлоқи шаҳрвандон, бегонапарастӣ, тақлиди кӯр-кӯрона ба фарҳанги бегона аз ҳамин зуҳурот маншаъ мегирад.

Масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзандон, киояндаи ҷомеаанд, хеле бузург аст. Бо дарки ин нукта соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул шуд. Дар боби 2 моддаи 7-и қонуни мазкур, ки «Уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ном дорад, таъкид шудааст, ки -»- барои саломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанди худ ғамхорӣ намоянд; фарзандонро дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намоянд; аз ҷониби фарзанд ҷойгир ва паҳн намудани ахбори ғайриахлоқиро тавассути телефонҳои мобилӣ ва воситаҳои электронӣ пешгирӣ ва манъ намоянд; ба фарзанди ноболиғ тамошои филмҳои ғайриахлоқӣ, фаҳш ва хусусияти зӯроварӣ, экстремистӣ, террористидоштаро манъ намуда, аз тамошои ин гуна филмҳо худдорӣ намоянд…».

Дар ин замина, ба мушоҳида мерасад, ки на ҳама падару модарон ин вазифаю уҳдадориҳои хешро ба ҷо меоранд. Имрӯз шояд ангуштшумор бошанд наврасону ҷавононе, ки аз телефони мобилӣ истифода набаранд. Чанде пеш дар дохили мусофирбар ҳолатеро мушоҳида кардам, ки бозгӯи ин гуфтаҳост: Модари ҷавоне бо ду писараш вориди нақлиёт шуд. Азбаски ҷойи холӣ зиёд буд, он зан дар як курсӣ ҳамроҳи писарчаи хурдиаш ва наврасаи тахминан 10-12-солаи вай дар паҳлуи ман ҷой гирифтанд. Писарча хеле хушҳол буд ва телефони нави дар дасташ бударо ба ҳар паҳлу гардонда тамошо мекард. Ман аз ӯ пурсидам, ки ин телефони худат аст?

- Ҳа, модарам ба ман гирифта дод.

- Нархаш чӣ қадар аст?

- Се ҳазору ҳафтсад сомонӣ, ака..

Ана ҳамин хел телефонҳои қиматро барои фарзандонамон дастрас мекунем, аммо китоберо ба қимати даҳ, бист ва ё сӣ сомонӣ намехарем!

Акнун қазоват кунед, ки дар роҳи тарбияи наврас китоб муҳим аст ё телефон? Дар дохили ин телефонҳо ҳоло тамоми «дарсҳои одаму одамгарӣ» мавҷуд аст ва ин «дарсҳо» насли наврасу ҷавонро ба сӯи бадиҳо мебарад. Ҳоҷат ба шарҳи ин мавзуъ нест, зеро ҳар кадомамон ҳар рӯз инро мушоҳида мекунем. Ҳатто, як модари ҷавон чунин иброз дошт: «Писарчаи навзодамро на бо сухан, бозича ва ё зангӯла, балки бо телефон метавонам ором кунам».

Ин мавзуъ доманадор аст ва метавон мисолҳои зиёде овард. Хуб мебуд, масъулон ва муаллимон, падару модарон ва тамоми аҳли ҷомеа ба ин масъала ҷиддӣ таваҷҷуҳ зоҳир намоянд ва дар таълиму тарбияи фарзандони сазовор саҳмгузор бошанд.

**Бурҳониддин КАРИМЗОДА,**
**«Садои мардум»**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 6 феврали соли 2024 музоядаи № 34-ро оид ба фурӯши амволе, ки давлатӣ гардидаанд, барпо менамояд

| т/р | Номгӯй | Суроға | Масоҳати умумии қитъаи замин (га) | Масоҳати умумии бино ва иншоот (м²) | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Маркази хизматрасонии бонкии №4 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад 165 | 0 | 293,6 | 2 233 339 |
| 2 | Маркази хизматрасонии бонкии №9 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Шерализода 54/3 | 0 | 256,0 | 3 379 712 |
| 3 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Сино | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷ. Расулов 10 | 0,10 | 2030,6 | 22 953 902 |
| 4 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Фирдавсӣ | шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 118 | 0 | 866,8 | 6 914 812 |
| 5 | Иншооти маркази савдои «Содот» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, хонаи 86/1 | 0,06 | 1340,0 | 5 680 260 |
| 6 | Бинои маркази таълими ронандагӣ | шаҳри Душанбе, кӯчаи Испечак-1, М-1 | 0,02 | 162,3 | 611 546 |
| 7 | Хонаи истиқоматӣ | шаҳри Душанбе, кӯчаи Шӯраксой, х. 36а | 0,08 | 478,5 | 1 915 675 |
| 8 | Толори савдо | шаҳри Душанбе, кӯчаи Бухоро 2 | 0 | 1335,7 | 13 840 523 |
| 9 | Ду толори тиҷоратӣ ва як таваққуфгоҳ | шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Махсум | 0 | 3440,1 | 13 586 843 |
| 10 | Бинои маркази савдо ва фарҳангӣ (тарабхона) | шаҳри Душанбе, кӯчаи Зарафшон 6 | 0 | 496,9 | 5 148 878 |
| 11 | Бинои маркази солимгардонӣ ва толори савдо | шаҳри Душанбе, кӯчаи Шамсӣ 16 | 0 | 1518,6 | 11 444 170 |
| 12 | Бино ва иншоотҳои ТАДЭС | шаҳри Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ | 5,7 | 17767,9 | 12 149 729 |
| 13 | Бино ва иншоотҳои ТАДЭС | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳамадонӣ 5 | 5,1 | 7076,4 | 14 703 221 |
| 14 | Бинои истиқоматии сохтмонаш нотамом, мағозаҳо ва таххона | шаҳри Душанбе, кӯчаи Бухоро-29 ва Истаравшан 21-25 | 0 | 1618,0 | 12 583 104 |
| 15 | Бино ва иншооти Саридораи ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 47 | 0,74 | 2295 | 125 265 630 |
| 16 | Бино ва иншооти ҶСК «Меҳмонхонаи Тоҷикистон» (бо дарназардошти таҷҳизоти насбгардида ба маблағи 17097765 сомонӣ, 139 номгӯй) | шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 22 | 2,39 | 1858,1 | 225 285 624 |
| 17 | Қаҳвахонаи «Парвоз» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш 1 | 0,2 | 1 962 | 11 773 800 |
| 18 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Душанбе | шаҳри Душанбе, кӯчаи Шевченко 115 | 0,1 | 200 | 3 427 704 |
| 19 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Душанбе | шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 129 | 0,2 | 830 | 11 054 633 |
| 20 | Ҳавлии истиқоматӣ | шаҳри Ҳисор, кӯчаи Б. Ҳилолӣ 82 | 0,07 | 280,3 | 378 967 |
| 21 | Ҳавлии истиқоматӣ | шаҳри Ҳисор, кӯчаи Б. Ҳилолӣ 88 | 0,06 | 301,9 | 1 047 894 |
| 22 | Чойхонаи миллӣ | шаҳри Ҳисор, Харбуза | 4,8 | 4335,2 | 34 903 779 |
| 23 | Толори фурӯши автомобилҳо | шаҳри Ҳисор, ҷамоати деҳоти Сомон, деҳаи Авғонобод | 0,84 | 1207,4 | 10 236 337 |
| 24 | Бозори масолеҳи сохтмонӣ | шаҳри Ҳисор, кӯчаи 60-солагӣ | 16,2 | 39730,5 | 77 033 931 |
| 25 | Мағозаи №4 | шаҳри Ҳисор, маҳаллаи 8 (ҶДММ «Евростандарт») | 0 | 100,3 | 236 207 |
| 26 | Мағоза ва дорухонаи хусусӣ | шаҳри Ҳисор, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, хонаи 26 | 0 | 206,2 | 437 041 |
| 27 | Сехи истеҳсоли шарбати мева ва анбори нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ | шаҳри Ҳисор, деҳоти Навобод, деҳаи Ойбош | 0,15 | 736,8 | 2 579 354 |
| 28 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳри Ҳисор | шаҳри Ҳисор, кӯчаи Ф. Абдуллоев 25 | 0,03 | 1688,9 | 7 004 782 |
| 29 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Ҳисор | шаҳри Ҳисор, кӯчаи Исмоли Сомонӣ 6 | 0,05 | 255 | 4 221 254 |
| 30 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳри Турсунзода | шаҳри Турсунзода, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 32/143 | 0,10 | 816,7 | 5 125 497 |
| 31 | Бинои толори «Олами кӯдакон» | шаҳри Турсунзода, кӯчаи Чапаев | 0,33 | 3558,6 | 33 186 792 |
| 32 | Дорухона | шаҳри Турсунзода, кӯчаи Б. Ғафуров | 0,02 | 366,3 | 4 037 139 |
| 33 | Бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Турсунзода | шаҳри Турсунзода, кӯчаи И.Сомонӣ 30а | 0,03 | 405 | 3 995 249 |
| 34 | Гармхонаи «Тобистон» | шаҳри Ваҳдат, деҳаи Қипчоқ б/р | 29,7 | 71145,0 | 22 519 026 |
| 35 | Тарабхона | шаҳри Ваҳдат, деҳаи Тангаӣ | 0,25 | 164,4 | 542 441 |
| 36 | Анбор ва нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ | шаҳри Ваҳдат, деҳаи Тангаӣ | 0,42 | 419,9 | 840 535 |
| 37 | Бозори «Хайр» | шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Н. Розиқов | 2,3 | 8385,9 | 19 547 496 |
| 38 | Заводи хурди хиштбарорӣ | шаҳри Ваҳдат, деҳаи Бӯстон (ҶДММ «Диамант и К») | 0 | 0 | 693 822 |
| 39 | Мағозаи хӯроквории | ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Лучоб, деҳаи Дурманбулоқ | 0,06 | 97,4 | 160 564 |
| 40 | Хонаи истиқоматӣ | ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Лучоб, деҳаи Дурманбулоқ | 0,27 | 439,0 | 359 086 |
| 41 | Хонаи истиқоматӣ | ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Лучоб, деҳаи Дурманбулоқ | 0,14 | 498,0 | 257 279 |
| 42 | Хонаи истиқоматӣ | ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Лучоб, деҳаи Косатароши боло | 0,2 | 555,1 | 599 017 |
| 43 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Варзоб | ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Варзобқалъа | 0,28 | 635 | 4 801 936 |
| 44 | Хонаи истиқоматӣ | ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Чоряккорон, деҳаи Ҳуснобод | 0,03 | 227,1 | 314 958 |
| 45 | Ҳавлии истиқоматӣ | ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Қиблаӣ, деҳаи Чавалай | 0,10 | 352,9 | 302 597 |
| 46 | Терминали воситаҳои нақлиёти боркаш ва мусофирбар | ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи Ватан | 0,30 | 666,2 | 587 608 |
| 47 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Шаҳринав | ноҳияи Шаҳринав, кӯчаи Мухтор Бақоев, б/р | 0,17 | 1125,9 | 5 305 797 |
| 48 | Нуқтаи таъмири нақлиёт | ноҳияи Шаҳринав, деҳоти Сабо, деҳаи Қади ҷӯйбор | 0,80 | 1931,8 | 1 288 486 |
| 49 | Заводи пахтатозакунӣ | ноҳияи Шаҳринав, шаҳраки Октябр, кӯчаи Б. Ғафуров | 10,5 | 6233,0 | 6 078 758 |
| 50 | ҶСП «Парандапарварии Шаҳринав», бо дарназардошти таҷҳизот ва таъмири асосӣ | ноҳияи Шаҳринав, шаҳраки Турсунзода, кӯчаи К. Хуҷандӣ | 125,4 | 115772,0 | 103500 000 |
| 51 | Шипанг (бозорча) | ноҳияи Шаҳринав, деҳаи Чузӣ | 0 | 1000,0 | 1 600 000 |
| 52 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Шаҳринав | ноҳияи Шаҳринав, кӯчаи Исмоили Сомонӣ | 0,05 | 582 | 4 411 680 |
| 53 | Воситаҳои асосӣ (чорвопарварӣ) | ноҳияи Ёвон, деҳоти Даҳана, деҳаи Ҷавонӣ | 2,4 | 1630,7 | 276 697 |
| 54 | Хонаи истиқоматӣ | ноҳияи Ёвон, деҳоти Ситораи сурх, деҳаи Чӯпонобод | 0,25 | 376,8 | 190 843 |
| 55 | Хонаи истиқоматӣ | ноҳияи Ёвон, шаҳраки Ҳаёти нав, деҳаи Ҳамза | 0,15 | 498,4 | 343 130 |
| 56 | Заводи пахтатозакунии «Анахит» | ноҳияи Ёвон, деҳоти Г. Юсуфова, деҳаи Тутбулоқи нав | 0,52 | 2151,5 | 3 750 031 |
| 57 | Бинои меҳмонхона дар ноҳияи Ёвон | ноҳияи Ёвон, кӯчаи Ленин 2 | 0,05 | 344 | 3 970 806 |
| 58 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Дарбанд | ноҳияи Нурobод, шаҳраки Дарбанд, кӯчаи Розиқов 9 | 0,18 | 606,0 | 2 158 593 |
| 59 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Лахш | ноҳияи Лахш, кӯчаи Сомониён 38 | 0,10 | 256,9 | 821 168 |
| 60 | Бинои нуқтаи интиқоли маблағҳо | ноҳияи Рашт, деҳаи Ҳоит | 0,60 | 113,0 | 239 504 |
| 61 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Тоҷикобод | ноҳияи Тоҷикобод, кӯчаи И.Сомонӣ б/р | 0,10 | 330,0 | 1 548 648 |
| 62 | Бинои маъмурӣ ва бошишгоҳи техникӣ | шаҳри Роғун, майдони сохтмонии №3 | 0 | 0 | 421 922 |
| 63 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Норак | шаҳри Норак, кӯчаи Ленин 11 | 0,02 | 203 | 1 632 343 |
| 64 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки И. Сомонӣ | ноҳияи Бохтар, шаҳраки Исмоили Сомонӣ, кӯчаи И.Сино 128 | 0,85 | 445,0 | 1 826 868 |
| 65 | Ҳавлии истиқоматӣ | ноҳияи Бохтар, деҳоти Зарғар, деҳаи Бешкаппа | 0,09 | 423,3 | 606 410 |
| 66 | Бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Бохтар | шаҳри Бохтар, кӯчаи Мирзоқодиров 3 | 0,1 | 658 | 5 293 585 |
| 67 | Корхонаи хурди равғанбарорӣ | ноҳияи Вахш, шаҳраки Киров, шуъбаи 1 б/р | 0,24 | 2419,0 | 1 026 140 |
| 68 | Корхонаи коркарди пахта бо таҷҳизот дар ноҳияи Вахш - ҶДММ «Файзи Вахш» | ноҳияи Вахш, ҷамоати деҳоти Рӯдакӣ, деҳаи Чапаев | 1,66 | 3 332 | 50 042 155 |
| 69 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Обикиик | ноҳияи Хуросон, шаҳраки Обикиик, кӯчаи Ориён Д | 0,22 | 840,6 | 3 580 071 |
| 70 | Заводи пахтақабулкунӣ ва коркард | ноҳияи Хуросон, деҳоти Ҳилолӣ, деҳаи Пахтаобод | 14,2 | 1618,0 | 1 029 533 |
| 71 | Қисми фермаи чорводорӣ | ноҳияи Ҳамадонӣ, деҳоти Турдиев, деҳаи Икбол | 3,9 | 5476,7 | 1 369 175 |
| 72 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Куйбишев | ноҳияи А.Ҷомӣ, шаҳраки Куйбишев, кӯчаи Сомониён 6 | 0,14 | 399,6 | 2 132 104 |
| 73 | Заводи пахта | ноҳияи А.Ҷомӣ, шаҳраки А.Ҷомӣ, кӯчаи Озодӣ б/р | 1,0 | 1493,0 | 4 652 350 |
| 74 | Корхонаи коркарди ашёи хоми пахтаи ҶДММ «Файзи Вахш» | ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, шаҳраки Куйбишев 1 | 2,8 | 4 347 | 40 073 535 |
| 75 | Молу мулки ғайриманқул иборат аз бино ва иншоот | ноҳияи Ҷ.Балхӣ, деҳоти Маданият, деҳаи Роҳи оҳан, ҶДММ «Агро Фуд Голд» | 2,47 | 3369,2 | 1 249 740 |
| 76 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Восеъ | ноҳияи Восеъ, шаҳраки Восеъ, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 41 | 0,10 | 579,9 | 1 445 042 |
| 77 | Заводи равған, консерва, пахта ва фабрикаи ресандагӣ | ноҳияи Восеъ, кӯчаи Умари Хайём 18 | 24,9 | 25865,1 | 15 422 211 |
| 78 | Бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Восеъ | ноҳияи Восеъ, ҷ/д Рӯдакӣ, деҳоти Навобод | 0,15 | 393 | 3 046 613 |
| 79 | Ҳафт адад бинои 9- ошёна дар ноҳияи Данғара (нотамом) | ноҳияи Данғара, маҳаллаи 7 | 2,06 | 28 644,0 | 118 872 600 |
| 80 | Фабрикаи ресандагӣ бо таҷҳизот дар ноҳияи Данғара (нотамом) | ноҳияи Данғара, маҳаллаи 7 | 4,1 | 15 120,0 | 146 882 779 |
| 81 | Бинои 9-ошёна дар ноҳияи Данғара (нотамом) | ноҳияи Данғара, маҳаллаи 7 | 0,0 | 4 092 | 16 981 800 |
| 82 | Бинои филиали ҶСК Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Данғара | ноҳияи Данғара, кӯчаи У. Хайём 1а | 0,14 | 1 027 | 10 270 500 |
| 83 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Қубодиён | ноҳияи Қубодиён, шаҳраки Қубодиён, кӯчаи Марказӣ 33 | 0,20 | 742,7 | 3 777 865 |
| 84 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Панҷ | шаҳраки Панҷ, кӯчаи Рӯдакӣ 47 | 0,24 | 548,0 | 1 803 742 |
| 85 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳри Кӯлоб | шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Ҳувайдуллоев 45 | 0,27 | 1823,8 | 8 713 067 |
| 86 | Бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Кӯлоб | шаҳри Кӯлоб, кӯчаи И.Сомонӣ 21 | 0,17 | 746 | 6 005 122 |
| 87 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Муъминобод | ноҳияи Муъминобод, кӯчаи А. Давлатов 34 | 0,56 | 888,5 | 4 669 230 |
| 88 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Муъминобод | ноҳияи Муъминобод, ҷамоати шаҳраки Ленин, кӯчаи Исмоили Сомонӣ | 0,09 | 376 | 3 379 500 |
| 89 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Ховалинг | ноҳияи Ховалинг, кӯчаи Исмоили Сомонӣ | 0,1 | 505 | 3 826 709 |
| 90 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Ш. Шоҳин | ноҳияи Ш. Шоҳин, деҳаи Шӯрообод | 0,26 | 219,6 | 454 694 |
| 91 | Фабрикаи ресандагӣ дар ноҳияи Фархор, ҶДММ «Адолат» (нотамом) | ноҳияи Фархор, ҷамоати деҳоти Зафар | 4,56 | 7 391 | 73 674 403 |
| 92 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Дӯстӣ | ноҳияи Дӯстӣ, деҳаи Ҷиликӯл, кӯчаи Каримов 1 | 0,31 | 1049,6 | 4 940 097 |
| 93 | Заводи пахта | ноҳияи Дӯстӣ, деҳоти Нури Вахш, деҳаи Гогол б/р | 5,1 | 6307,8 | 2 431 283 |
| 94 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» | ноҳияи Балҷувон, кӯчаи Марказӣ б/р | 0,08 | 332,5 | 1 720 243 |
| 95 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳри Хуҷанд | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Фирдавсӣ 118 | 0,11 | 1370,7 | 5 473 035 |
| 96 | Хонаи истиқоматӣ | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Хуҷандӣ, хонаи 30а | 0,03 | 92,4 | 215 822 |
| 97 | Хонаи истиқоматӣ | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Асирӣ, хонаи 152 | 0,03 | 195,4 | 240 805 |
| 98 | Хонаи истиқоматӣ | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Э.Шайдо, хонаи 70 | 0,03 | 130,5 | 205 134 |
| 99 | Базаи истеҳсолӣ | шаҳри Хуҷанд, минтақаи саноатии ҷанубу ғарбӣ | 1,1 | 5661,1 | 2 331 318 |
| 100 | Нуқтаи таъмири нақлиёт ва савдо | шаҳри Хуҷанд, ҶДММ «РОҲАТ» | 0,42 | 2343,5 | 3 027 648 |
| 101 | Маҷмӯи таҷҳизоти фабрикаи ресандагӣ (васлнагардида) | вилояти Суғд, ҶСП «Хуҷанд Инвест Коттон» | 0 | 0 | 51 098 419 |
| 102 | Маркази агроучасткаи №2 | ноҳ. Зафаробод, шоҳроҳи Хуҷанд - Зафаробод | 2,2 | 2402,2 | 448 096 |
| 103 | Бино, иншоот ва таҷҳизоти фабрикаи «Ҷӯроббарорӣ»-и ҶДММ «Неку-Хуҷанд» | вилояти Суғд, ноҳияи Зафаробод, шаҳраки Меҳнатобод | 0,67 | 3124,1 | 14 764 209 |
| 104 | «Агроучасткаи марказии №1» | ноҳияи Зафаробод, шаҳраки Ёшлик | 3,0 | 6284,3 | 1 370 397 |
| 105 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Зафаробод | ноҳияи Зафаробод, кӯчаи Рӯдакӣ 5а | 0,06 | 460 | 3 302 865 |
| 106 | Ҳавлии истиқоматӣ | ноҳияи Б.Ғафуров, деҳоти Унҷӣ, кӯчаи Рӯдакӣ, хонаи 6 | 0,02 | 505,7 | 466 799 |
| 107 | Заводи асфалтбарорӣ бо таҷҳизоташ | ноҳияи Б.Ғафуров, деҳоти Ғозиев | 0 | 0 | 49 743 024 |
| 108 | Заводи пахтатозакунӣ | ноҳияи Б.Ғафуров, минтақаи саноатӣ | 0,84 | 1945,6 | 4 717 276 |
| 109 | Комплекси чорводорӣ | ноҳияи Мастчоҳ, Палдорак | 64,3 | 14061,5 | 1 600 000 |
| 110 | Бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Мастчоҳ | ноҳияи Мастчоҳ, шаҳраки Бӯстон | 0,05 | 557 | 3 926 031 |
| 111 | Бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ | ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ, ҷамоати деҳоти Лангар, деҳаи Мадрушкат | 0,05 | 199 | 1 092 960 |
| 112 | Бинову иншоот ва таҷҳизоти заводи пахта | ноҳияи Мастчоҳ, шаҳраки Бӯстон, кӯчаи А.Ҳасан | 18,7 | 197 72,9 | 19 000 000 |
| 113 | Фабрикаи ресандагии ҶСП «Олим-Текстайл» дар ноҳияи Мастчоҳ | ноҳияи Мастчоҳ, ҷамоати шаҳраки Суғдиён, шоҳроҳи Бӯстон - Хуҷанд | 29,3 | 24 035 | 241 443 959 |
| 114 | Бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Панҷакент | шаҳри Панҷакент, кӯчаи А. Рӯдакӣ 146 | 0,03 | 476 | 3 832 342 |
| 115 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Пролетар | ноҳияи Ҷ. Расулов, шаҳраки Пролетар, кӯчаи Ленин 13 | 0,09 | 695,2 | 2 449 040 |
| 116 | Заводи пахтатозакунии ба номи А. Саматов | ноҳияи Ҷ. Расулов, деҳоти Ғӯлакандоз, кӯчаи Навоӣ б/р | 9,8 | 6298,7 | 9 900 673 |
| 117 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар деҳаи Айнӣ | ноҳияи Айнӣ, деҳаи Айнӣ, кӯчаи Ленин 2 | 0,16 | 512,7 | 1 678 529 |
| 118 | Бино ва иншооти базаи «Искандаркӯл» | ноҳияи Айнӣ, ҷ/д Фондарё | 4,5 | 2 668 | 9 607 752 |
| 119 | Бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Ашт | ноҳияи Ашт, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 15а | 0,05 | 354 | 2 447 717 |
| 120 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳри Исфара | шаҳри Исфара, кӯчаи Марказӣ 24 | 0,39 | 851,5 | 2 912 151 |
| 121 | Бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Исфара | шаҳри Исфара, кӯчаи Марказӣ 29/2 | 0,09 | 1 102 | 8 680 775 |
| 122 | Бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Истаравшан | шаҳри Истаравшан, кӯчаи Ленин 119а | 0,1 | 464 | 5 872 310 |
| 123 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳри Конибодом | шаҳри Конибодом, кӯчаи Ленин 129 | 0,16 | 871,2 | 3 204 302 |
| 124 | Меҳмонхонаи Чкаловск | шаҳри Бӯстон, кӯчаи Кутузов 10 | 0,09 | 160,4 | 387 622 |
| 125 | Маҷмӯи таҷҳизот барои коркарди оби ҷав | вилояти Суғд, Боғи фарҳангию фароғатии «Наврӯзгоҳ» | 0 | 0 | 3 969 000 |
| 126 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар деҳаи Қалъаи Хумб | ноҳияи Дарвоз, деҳаи Қалъаи Хумб, кӯчаи Шоҳмансур 16 | 0,14 | 662,2 | 3 343 141 |
| 127 | Маркази хизматрасонӣ дар деҳаи Сағирдашт | ноҳияи Дарвоз, деҳаи Сағирдашт | 0,10 | 173,0 | 306 857 |
| 128 | Мошинсарой | ноҳияи Шуғнон, Ванқалъа, деҳаи Ванқалъа | 0,67 | 2031,3 | 710 955 |
| 129 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Шуғнон | ноҳияи Шуғнон, кӯчаи Меденшор | 0,14 | 378 | 3 044 356 |
| 130 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар деҳаи Ишкошим | ноҳияи Ишкошим, деҳаи Ишкошим, кӯчаи Н. Раҳмонӣ 2 | 0,22 | 328,3 | 1 196 119 |
| 131 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар деҳаи Рӯшон | ноҳияи Рӯшон, деҳаи Рӯшон, кӯчаи Ленин 16 | 0,14 | 550,9 | 2 829 176 |
| 132 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Рӯшон | ноҳияи Рӯшон, маркази ноҳия | 0,15 | 395 | 2 783 381 |
| 133 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар деҳаи Медон | ноҳияи Роштқалъа, деҳаи Медон, кӯчаи Ҷавонон | 0,10 | 354,0 | 1 821 979 |
| 134 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар деҳаи Мурғоб | ноҳияи Мурғоб, деҳаи Мурғоб, кӯчаи Сомонӣ 16 | 0,16 | 333,9 | 1 669 601 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2- юми **«Маҷмааи амвол»** оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221- 73- 74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати **10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221- 49- 87, 221- 73- 74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA- KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи якуми кӯчаи Т. Зеҳнӣ (собиқ Академическая), хонаи 3 ба Примқулов Толиб Шамсиевич (РМА 015330239) додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи №0154597 таҳти қайди 0018, ки онро МДТ «Литсейи касбии техникии шаҳри Ҳисор» соли 2021 бо ихтисоси челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил ба Юсупов Сироҷиддин Маҳмарасулович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи ҳадяи хонаи истиқоматии силсилаи ДШ №0207646, ки онро Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти феҳрасти 1Ш- 1368 санаи 28- уми сентябри соли 2012 бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи якуми кӯчаи Т. Зеҳнӣ (собиқ Академическая), хонаи 3 ба Примқулов Толиб Шамсиевич (РМА 015330239) додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи №0169890, ки онро МДТ «Литсейи касбии техникии шаҳри Ҳисор» соли 2022 таҳти қайди 0022 бо ихтисоси челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил ба Юнусов Ҳусейн Маҳмадобидович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда ва Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии гумшудаи бинои талаботҳои истеҳсолии таҳти литери 7 Б. 1/сб ва литери 10 Г.1/хх, ки онҳоро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душнабе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи шоҳроҳи Айнӣ, километри 10- ум, бинои талаботҳои истеҳсолӣ таҳти литери 7 Б.1/сб ва литери 10 Г.1/хх ба Акрамов Алишер Асламович (РМА 025452397) ва Маҷидова Мавлуда Саидмахсумовна (РМА 038106668) додааст, эътибор надоранд.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши бинои талаботҳои истеҳсолӣ таҳти литери 7 Б. 1/сб ва литери 10 Г.1/хх таҳти силсилаи ДШ №1360272, ки онро Идораи давлатии нотариалии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 23- юми апрели соли 2022 таҳти феҳрасти 9Ш- 651 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи шоҳроҳи Айнӣ, километри 10- ум бинои талаботҳои истеҳсолӣ таҳти литери 7 Б.1/сб ва литери 10 Г. 1/хх ба Акрамов Алишер Асламович (РМА 025452397) ва Маҷидова Мавлуда Саидмахсумовна (РМА 038106668) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи автомашинаи сабукрави тамғаи «Мерседес бэнс», рақами давлатиаш tj 2066 MO 03, ки онро ШБДА РВКД дар вилояти Хатлон бо суроғаи ноҳияи Хуросон, шаҳраки Обикиик, кӯчаи А. Соҳибназаров, хонаи 5 ба Ҳалимов Дӯстмурод Сафарбекович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ронандагии гумшуда, ки онро ШБДА РВКД дар вилояти Хатлон соли 2020 бо суроғаи ноҳияи Хуросон, шаҳраки Обикиик, кӯчаи А. Соҳибназаров, хонаи 5 ба Ҳалимов Ширинбек Сафарбекович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино 8-уми сентябри соли 2004 таҳти феҳрасти 1Д- 3640 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ломоносов (ҳоло Н. Ганҷавӣ), бинои 141/5, хонаи 20 ба Каримов Нурмаҳмад (РМА 045244766) додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2023 ба Муҳтоҷзода Сунатулло (РЯМ 037833179) додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлии гумшуда, ки онро ШВКД- 1 дар ноҳияи Сино бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Алишер Навоӣ, бинои 25/3, хонаи 43 ба Алимадов Абдуқосим Мунавварович (РМА 045390455) додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлии гумшуда, ки онро ШВКД- 1 дар ноҳияи Фирдавсӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Деҳотӣ, бинои 21/2, хонаи 31 ба Қурбонов Тоҳирҷон Маҳмадуллоевич (РМА 645138170) додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Асри нав энергияи нав» (РМА 040064602, РЯМ 0410042023), ки 16- уми июни соли 2023 дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба сабти давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Четоур автомобил Тоҷикистон» (РМА 040064639, РЯМ 0410042041), ки 21- уми июни соли 2023 дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба сабти давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Шаҳрванд Эмомализода Дилафруз Сайфуллоевна, ки дорои шаҳодатномаи соҳибкорӣ бо РЯМ 0130204883 буда, онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Конститутсия - кафолати ҳуқуқи ҳамаи шаҳрвандон ба волоияти қонун

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: *Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; хабарнигорон дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69; вилояти Хатлон 919- 67- 88- 78, 985- 82- 81- 97; вилояти Суғд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, 93- 535- 06- 66; ШНТҶ - 000- 03- 03- 80, 918- 68- 40- 17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супориши) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 5 январи соли 2024, соати 11:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34385 нусха*

Навбатдорони шумора Н. Низомӣ ва М. Нуралиев

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97